آوازتاجيک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

21 августи соли 2021. Шанбе

№ 65-66 (14767)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

*Бечуну чаро мо кори зиёдро анҷом додем ва ин ҳануз аввали кор аст. Мо дар пеш кори зиёд дорем, то ки соҳибкорон дар шароити Ӯзбекистон озодона меҳнат кунанд. Агар мо қаноатмандии аҳолиро аз ҳаёт таъмин намудан хоҳем, пас мо ёвари соҳибкорон гардида, ба қонунгузорӣ тағйироти зарурӣ дохил намоем.*

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат МИРЗИЁЕВ**

# СОҲИБКОРОН — БУНЁДКОРОНИ ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ



***Дар Қасри анҷуманҳои байналмилалӣ 20 август мулоқоти кушоди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо соҳибкорони мамлакатамон ба амал омад.***

Тиҷорати хурд ва соҳибкории хусусӣ ҳамчун самти афзалиятноки иқтисодиёти кишвари мо муайян шудаанд. Дар давоми панҷ соли охир барои рушди ин соҳа тақрибан 2 ҳазор қонун, фармон ва қарор қабул карда шуд.

Барои соҳибкорӣ 114 литсензия ва иҷозатнома бекор карда, бинобар 33 намуди фаъолият тартиби огоҳинома ҷорӣ карда шуд. Тартиби гирифтани иҷозатнома содда карда шуда, ба ҳисоби миёна мӯҳлати додани онҳо 2 баробар кам карда шудааст. Тафтишҳои зиёдатӣ бекор карда шуда, маҳдудиятҳои вобаста ба гардиши пули нақд, асъор ва ашёи хом аз байн бардошта шуданд.

Дар натиҷаи чунин имкониятҳо теъдоди субъектҳои нави соҳибкорӣ босуръат меафзоянд ва субъектҳои мавҷуда фаъолияташонро васеъ мекунанд. Дар тӯли панҷ соли охир шумораи соҳибкорон қариб се баробар афзудааст. Бисёре аз тоҷирон тиҷобрендҳои худро дошта, дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ шинохта шудаанд.

Дар доираи тайёрӣ ба мулоқоти кушод дар Вазорати сармояҳо ва савдои хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ситоди ҷумҳуриявӣ ташкил шуда буд, ки шабу рӯз аз 20 июл то 10 август фаъолият нишон дод. Аз соҳибкорон ба ситод зиёда аз 15 ҳазор мурочиат ворид шуд. Аз сабаби зиёд будани шумораи мурочиатҳо мӯҳлати қабули онҳо чанд маротиба дароз карда шуд.

40 фоизи мурочиат ба масъалаҳои таъмини молиявии тиҷорат, кредит ва ҷудо намудани субсид, 21 фоиз ба ҷудо намудани замин ва иншоот ва 5 фоиз доир ба роҳандозии тиҷорат ва боқимонда бо пайваст кардан инфрасохтор, ба даст овардани иҷозат ва литсензия, бо низоми андоз, савдо марбут мебошад. То ҳол беш аз 12 ҳазор мурочиат, ки 82 фоизи онро ташкил менамояд, ба тарзи мусбӣ ҳаллу фасл гардид. Дар ҳалли мушкилот татбиқи пешниҳодосади пурзӯрсозии кор бо мурочиати соҳибкорон, ҳимояи манфиатҳои қонунии онҳо ва ҳамчунин таъмини дахлнопазирии моликияти хусусӣ ташаккул дода шудааст. Аз он ҷумла, фаъолияти институтҳои Палатаи савдову саноат, Бизнес-омбудсмен, қабулхонаҳои Сарвазир доир ба баррасии мурочиати соҳибкорон роҳандозӣ гардиданд. Аз 160 намуди хидматрасонӣ, ки ҳоло дар марказҳои хидматрасонии давлатӣ расонда мешавад, 75-тоаш бевосита бо фаъолияти соҳибкорон алоқаманд аст, ки ин барои намояндагони соҳа боз ҳам заминаи мусоид фароҳам меорад.

Гуфтугӯи ошкорои Президент бо соҳибкорон дар ин самт мутлақо ташаббуси нав гардид. Воҳӯрие, ки соҳибкорон солҳо интизор буданд, барои гуфтугӯи ошкоро заминае гардид.

Дар аввал роҳбари давлат ба соҳибкорони чолок ва шуҷоъ барои дастгирии мардум изҳори миннатдорӣ намуд.




Ин аввалин воҳӯрии ин формат дар таърихи кишвари мо мебошад. Дар он бевосита 600, дар минтақаҳо — 1800, дар студияҳои ноҳиявӣ ва шаҳрӣ — 8,5 ҳазор — ҳамагӣ зиёда аз 10 ҳазор соҳибкороне иштирок карданд, ки ба ислоҳот ва дигаргуниҳо дар Ӯзбекистони нав бетараф нестанд, ташаббус ва фаъолӣ нишон медиҳанд.

Дар чорабинӣ инчунин аъзои Сенати Олий Маҷлис ва депутатҳои Палатаи қонунгузорӣ, шахсони масъули Маъмурияти Президент, Девони Вазирон, ҳамаи вазорату идораҳо иштирок карданд.

Бо ташаббуси роҳбари давлат сохторҳои институтсионалӣ бо мақрати худро дар саросари кишвар тавсеа дода, ҳазорҳо ҷойҳои корӣ таъсис доданд ва ба ширкатҳои бузурги муваффақ табдил ёфтанд. Синфи соҳибкорон ташаккул ёфт, ки ти соҳибкорони вилоятҳои Намангон, Сурхондарё, Самарқанд, Бухоро ибрат гардиданд.

(Давомаш дар саҳ.6).

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ БА МАМЛАКАТИ ДИГАРГУНИҲОИ ДЕМОКРАТӢ, ИМКОНИЯТҲОИ ВАСЕЪ ВА КОРҲОИ АМАЛӢ ТАБДИЛ МЕЁБАД

## Ҷавобҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба саволҳои сармуҳаррири рӯзномаи “Янги Ӯзбекистон” Салим Дониёров

***Савол.*** *Муҳтарам Президент, пеш аз ҳама, ба Шумо миннатдорӣ изҳор менамоем, ки барои мусоҳиба бо рӯзномаамон розӣ шудед.*

*Маълум аст, ки дар давоми панҷ соли охир дар мамлакати мо дигаргуниҳои бузурги демократӣ амалӣ гардонда мешаванд. Консепсияи «Ӯзбекистони нав» ба воқеъият табдил меёбад. Шумо ҳамчун сарвари давлат, ташаббускори ин равандҳои иҷтимоию сиёсӣ ва роҳбари ислоҳгар, ки дар маркази онҳо қарор доред, дар навбати аввал мазмуну моҳияти ин дигаргуниҳоро дар чӣ мебинед?*

**Ҷавоб.** Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки ҳар як халқ, ҳар як миллате, ки дар назди худ мақсади бузурги бунёди ҳаёти озоду мустақилона, ҷомеаи одилонаро гузоштааст, роҳи душвор, пурмашаққат ва мураккаби рушдро тай хоҳад кард.

Ба оянда бо умед ва эътимоди бузург нигоҳ карда, халқи ӯзбек, ки ҳамеша бо сабру матонат зиндагӣ кардааст, 31-уми августи соли 1991 ба орзуи муқаддаси худ расид — Ватани азизамон истиқлолияти худро ба даст овард.

Насиб бошад, пас аз рӯзҳои башумор мо 30-солагии ин санаи фархундаро ҳамчун як ҷашни бузург васеъ таҷлил хоҳем кард.

Дар арафаи ин иди пуршараф дар мамлакати мо тайёрии калон дида мешавад. Дар маҳалҳо корҳои калони созандагӣ ва ободонӣ бурда мешаванд. Аз ҷумла, дар масоҳати беш аз 10 гектари шафати пойтахт боғи Ӯзбекистони нав ва маҷмӯи ягонаи Истиқлол сохта мешавад. Насиб бошад, имсол мо иди аз ҳама бузург ва аз ҳама азизамонро дар ин хиёбони нав ҷашн мегирем.

Бешубҳа, дар солҳои истиқлолият дар кишвари мо дар роҳи бунёди давлат ва ҷомеаи нав корҳои таърихӣ анҷом дода шуданд, бо иродаи шикастнопазир ва иқтидори бузурги мардуми далеру шарифи мо комёбиҳои бузург ба даст оварда шуданд. Дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ Конститутсияи кишвари мо – Қонуни асосии мо таҳия ва қабул карда шуд. Мамлакати мо ҳамчун давлати соҳибихтиёр дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мақоми сазовор ишғол кард. Дар Ӯзбекистон асосҳои давлатдории муосир гузошта, ба сохти конститутсионӣ асос гузошта шуд. Се шохаи мустақили ҳокимият — ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ таъсис дода шуданд. Давлати ба маънои том конститутсионӣ барпо карда шуд.

Қувваҳои Мусаллаҳи ба ҳифзи боэътимоди соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, дахлнопазирии сарҳадҳоямон, ҳаёти осоиштаи халқамон ва манфиатҳои миллиамон қодир ташкил карда шуд. Асъори миллиамон – сӯм ҷорӣ карда шуда, захираҳои тиллову асъор ташаккул ёфт.

Таърихи қадимаи мо, мероси ғании фарҳангӣ, ҳуввияти миллӣ ва арзишҳои маънавӣ эҳё шуданд.

Ман шодам, ки имконият пайдо кардам, ки дар ин равандҳои фаромӯшнашавандаи таърихи муосири мо фаъолона иштирок мекунам.

Бояд қайд кард, ки дар баробари дастовардҳои бузург дар рушди мустақил роҳи мо аз баъзе хатогиҳо ва камбудиҳо холӣ набуд. Худи вақт, пуризтироб ва норавшан, равандҳои ба баромадан аз баҳри сохти мустабид ва бунёди ҷомеаи демократӣ нигаронидашуда, мушкилоти гуногуне, ки мо қаблан бо онҳо рӯ ба рӯ нашуда будем — ҳамаи ин дар назди мо вазифаҳои нави мураккаб мегузошт. Ба туфайли дониш ва таҷриба, ирода ва матонат мо асосан онҳоро ҳал кардем, аммо на ҳамеша.

Аз ин рӯ, рушди кишварамонро ба сатҳи нави баландтар бардоштан, барои ин татбиқи ислоҳоти нав ба зарурати объективӣ, аз ҳама муҳимаш вазифаи стратегӣ табдил ёфт.

Дар омади гап, калимаи «нав» барои мо аҳамияти алоҳида дорад. Масалан, ёдовар мешавем, ки яке аз қадимтарин ҷашнҳои мо **Наврӯз — Рӯзи нав** ном дорад. Арзишҳо ва анъанаҳои марбут ба ин ҷашни бостонӣ дар ҳаёти мо чунон ҷой гирифтаанд, ки мардуми мо дар тӯли асрҳо, чунон ки шоир ва мутафаккири бузург Алишер Навоӣ гуфтааст, **«Ҳар рӯзатон Наврӯз бод!»** бо таманноҳои нек ва ниятҳои пок зиндагӣ мекунанд.

Хуб маълум аст, ки дар ибтидои асри гузашта ниёгони ватандӯсту миллатдӯсти мо ғояҳои «ҷадидизм», яъне ғояҳои навсозӣ ва озодӣ, адолат ва баробарӣ, илму маърифат ва худшиносии миллиро байрақ карда, далерона ба майдони мубориза баромаданд. Маънои тамоми ҳаёти ин шахсони фидокор ин буд, ки мардуми Туркистонро, ки дар гирдоби ҷаҳолат ва пасмондагӣ монда буданд, бо роҳи мусаллаҳ сохтани онҳо бо илмҳои дунявӣ ва касбҳои пешрафта ба роҳи рушди умумбашарӣ барорад.

Мактабҳо, театрҳо, китобхона ва осорхонаҳо, рӯзномаву маҷаллаҳо ва ҷамъиятҳои хайриявие, ки ба мақсади барои таҳсил ба хориҷа фиристодани халқи Туркистон ҷадидон таъсис додаанд, мардуми моро аз ҷаҳолати чандинасра бароварда, ба онҳо барои ҳаракати озодихоҳии миллӣ қувваи бемисл бахшидаанд. Мутаассифона, дар кишвари мо барпо шудани диктатураи болшевикӣ, идомаи сиёсати мустамликавии подшоҳӣ имкон надод, ки гузаштагони равшанфикри мо ҳадафҳои худро пурра амалӣ намоянд. Аммо орзуву ниятҳои неки онҳо дар хун ва хотираи таърихии мардуми мо ҳифз шудаанд ва ҳоло ҳам зиндаанд, гӯем айни ҳақиқат хоҳад буд.

Бо ин маъно, дар замири ғояи **«Ӯзбекистони нав»**, ки имрӯз аз қалби тамоми халқ амиқ ҷой гирифта, ба ҳаракати умумимиллӣ табдил меёбад, чунин аҷдодони бузургамон, умуман, орзуву саъю кӯшиш ва ормонҳои алломаҳоямон, ки дар таърихи миллиамон ба давраҳои Якум ва Дуюми эҳё асос гузоштаанд, ниҳонанд, гӯем хато нахоҳем кард.

Таърихи башарият нишон медиҳад, ки равандҳои бедории маънавӣ дар ҳаёти ҳар гуна халқ ба дарки ҳуввияти миллӣ меорад ва рушди иқтисодӣ ва фарҳангии кишварро ба сатҳи нав мебардорад. Ҳамаи мо медонем, ки чунин як падидаи нодири иҷтимоӣ «Эҳё»-ро — бедоршавӣ, аз нав барқароршавӣ, пешрафт меноманд.

Маълум аст, ки замини Ӯзбекистони имрӯза дар замонҳои қадим гаҳвораи ду эҳёи бузург — Якум (маърифат — асрҳои IX -XII) ва Дувум (Темуриҳо — асрҳои XIV -XV) Эҳё буд. Ин як далели таърихист, ки дар илми ҷаҳон исбот ва эътироф шудааст.

Ҳоло дар мамлакати мо боз як ҷараёни муҳими бедоршавӣ ба амал омада истодааст. Аз ин рӯ, калимаҳои **«Ӯзбекистони нав»** ва **«Эҳёи сеюм»** дар зиндагии мо ҳамоҳанг садо медиҳанд ва мардуми моро ба ҳадафҳои бузург илҳом мебахшанд.

Имрӯз Ӯзбекистон ба мамлакати дигаргуниҳои демократӣ, имкониятҳои васеъ ва корҳои амалӣ табдил меёбад. Маҳз ҳамин раванд барои ман бузургтарин натиҷаи ислоҳотамон мебошад. Чунки, дақиқии мақсад муҳимтарин меъёрест, ки самаранокии амалҳоро таъмин мекунад.

Агар мо мазмуну моҳияти Стратегияи амалиётро, ки панҷ сол пеш қабул шуда буд, мухтасар ифода намоем, дар ин ҳуҷҷати беназир мо дар назди худ вазифаҳои бузурги барпо намудани Ӯзбекистони нав ва гузоштани таҳкурсии Эҳёи сеюмро ҳамчун мақсади стратегӣ гузоштем.

**Таъкид кардан ҷоиз аст, ки бунёди Ӯзбекистони нав — ин ҳамту ҳоҳишу ният, рӯйдоди субъектив набуда, балки зарурати объективист, ки асосҳои амиқи таърихӣ дорад, ки вазъияти мавҷудаи сиёсию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, маънавию маърифатии мамлакатамон тақозо намуда, ба орзуҳои қадимаи мардуми мо хос, ҷавобгӯи манфиатҳои миллии он мебошад.**

Ӯзбекистони нав — ин давлатест, ки мақсади асосии он таъмини ҳаёти озод, некӯаҳвол ва фаровони халқи бисёрмиллатаи мо мебошад. Ин давлатест, ки ба таври қатъӣ мутобиқи меъёрҳои аз ҷониби умум дар соҳаи демократия, ҳуқуқу озодиҳои инсон эътирофшуда, ки ба принсипҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо ҷомеаи байналмилалӣ асос ёфтааст, рушд мекунад.

Ман намехоҳам дар бораи натиҷаҳое, ки мо дар муддати таърихан кӯтоҳ ба туфайли ислоҳот ба даст овардаем, муфассал ҳарф занам. Перомуни ин мавзӯъ дар матбуоти ватанӣ ва хориҷӣ андешаҳои ходимони бонуфузи давлатӣ ва сиёсатмадорон, коршиносон ва таҳлилгарон мунтазам нашр мешаванд.

Чунин баҳоҳои холисона ҳамаи моро шод мегардонад. Ҳамзамон мехоҳам таъкид намоям, ки мо ин тағйироти демократиро на ба хотири маъқул шудан ба касе, таърифкунӣ, дохил шудан ба рейтингҳои гуногун, балки аз он сабаб амалӣ мекунем, ки равандҳои демократӣ ба худи мо мисли обу ҳаво муҳиманд, бо дарки ҳаёти имрӯза ва дурнамои фардои халқамон, пеш аз ҳама, авлоди ҷавон дар роҳи манфиатҳои миллиамон амалӣ менамоем.

Мо, шаҳрвандони Ӯзбекистон, беш аз ҳама эҳсос мекунем, ки симои сиёсию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи мо босуръат тағйир меёбад ва дар ҳаёти мо муносибатҳои нав, имконот ва арзишҳои нав ташаккул меёбанд. Аз ҷумла, қобили таваҷҷӯҳ аст, ки «ҳуқуқ ва озодиҳои инсон», «волоияти қонун», «ошкороӣ ва шаффофият», «озодии сухан», «озодии дин ва эътиқод», «назорати ҷамъиятӣ», «баробарии гендерӣ», «дахлнопазирии моликияти хусусӣ», «озодии фаъолияти иқтисодӣ» барин мафҳумҳои фундаменталии демократӣ ва малакаҳои ҳаётӣ ҳоло ба воқеият табдил меёбанд.

Мо бояд як ҳақиқатро ошкоро эътироф кунем: бо мурури замон раванди ислоҳот густариш меёбад ва замони пуршиддат дар наздамон вазифаҳои боз ҳам бузургтарро мегузорад. Худи ҳаёт ба мо бисёр чизҳоро меомӯзонад. Ин аст, ки мо пайваста дар пайи ҷустуҷӯ ҳастем. Табиист, ки дар он ҷое, ки ҷустуҷӯ ҳаст, дар баробари муваффақиятҳо камбудию норасоиҳо низ мешаванд.

(Давомаш дар саҳ.2, 3, 4, 5 ).

# ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ БА МАМЛАКАТИ ДИГАРГУНИҲОИ ДЕМОКРАТӢ, ИМКОНИЯТҲОИ ВАСЕЪ ВА КОРҲОИ АМАЛӢ ТАБДИЛ МЕЁБАД

> “ Рӯйирост гуфтаниям: табиатам дурӯғу сохтакориро намепазирад. Халқамон ба ман бовар кард, сафед кардани ин боварӣ, фароҳам овардани шароити сазовори ҳаёт ба халқу кишварамон мазмуну мундариҷаи ҳаёти ман аст. Ман, ки барои тақдири миллионҳо инсонҳо бори масъулиятро бар дӯш гирифтаам, наметавонам дар бахши ислоҳот роҳи дигарро пеш гирам, ҳамаашро мисли пештара ба ҳоли худ гузорам.

(Аввалаш дар саҳ.1).

Аз ҳама асосиаш, тавре ки мегӯянд, «Дар ҳаракат баракат аст», мо зинаи душворро паси сар намудем, яъне, роҳамонро интихоб карда, даст ба корҳои бузург задем. Акнун ҳамаи корҳо ба қотеона идома додани ислоҳот ва расидан ба натиҷаи мантиқӣ вобаста аст. Ин, албатта, осон нест, аммо мо ба ин қодирем. Муҳимаш, дар солҳои баъдӣ барои ба амал татбиқ намудани чунин вазифаҳои мураккаб заминаи сиёсию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилию институтсионалӣ фароҳам оварда шуд.

***Савол.*** *Сабаб чист, ки дар мамлакатамон дар ҷараёни ба амал татбиқ намудани ислоҳотҳои сиёсию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, маънавию маърифатӣ ба ҷорӣ намудани тамоюли муҳими конститутсиявӣ* ***«Бояд на халқ ба идораҳои давлатӣ, балки идораҳои давлатӣ ба халқ хидмат кунанд»*** *рӯйи эътибор гардонда мешавад?*

**Ҷавоб.** Ман тӯли солҳои зиёд, шурӯъ аз зинаҳои поёнӣ то зинаҳои миёна ва баландтарини идораи давлатӣ дар вазифаҳои пурмасъул кор кардаам. Депутати Олий Маҷлис низ будам. Биноан, бо боварии комил гуфта метавонам, ки ҳамаи камию костиҳои сохтори идораи кӯҳна, мушкилотеро, ки аҳолиро азият медиҳад, нисбат ба дигарон бештар медонам.

Дар сухани ҳикматноки бобои бузургамон Амир Темур **«Адолат — асоси давлат ва шиори роҳбарон аст»**, ки дар пештоқи қароргоҳи Оқсарой, воқеъ дар Шаҳрисабз, ҳак шудааст, маънои амиқ нуҳуфта аст.

Пайдост, ки аз азал панди аҷдоди мо ба насли ҷавон ин будааст: **«Зулмро пеша макун, боинсоф бош, ҳисори адолат бунёд намо»**. Мо низ дар мавриди ислоҳи сохтори судию ҳуқуқӣ такя ба ин талабҳои содаю ҳаётӣ намудем. Хоссатан, ғояи **«Бояд дар шуури судя — адолат, дар забонаш — ҳақиқат, дар дилаш — покӣ бошад»**-ро ба миён гузоштем ва ба татбиқи он шурӯъ намудем.

Дар ин маврид бояд бигӯям, ки дар мамлакатамон идораҳои давлатию ҳукуматӣ тӯли солҳои зиёд аз халқ дур шуда буданд.

Аз нигоҳи сиёсию ҳуқуқӣ ба давлат чунин таъриф дода шуд: **«Мақомоте, ки хоҳишу иродаи халқро ифода менамояд»**. Давлатро кӣ ташаккул медиҳад? Халқ ва намояндагони мухтори он. Биноан, давлат ва мақомоти он бояд қабл аз ҳама ба кӣ хидмат кунад? Албатта, ба халқ, ба шаҳрвандоне, ки бо боварӣ ба соҳибмансабони гуногун овоз додаанд.

Ба ин маънӣ, халқамон ба розӣ будан аз хидмати давлат ҳамаҷониба ҳақ ва сазовор аст.

Ҳокимияти давлатии дар асоси ана ҳамин тамоюлҳо барпогардида, ба маънои томаш ҳокимияти халқӣ ва демократӣ маҳсуб меёбад. Решаҳои сиёсию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавию маърифатии чунин давлату ҷамъият мустаҳкаму нирӯманд мешавад. Ин аст, ки мо сабук гардондани бори гарони халқ, сари вақт ҳаллу фасл намудани мушкилоти ӯ, беҳ сохтани сифату дараҷаи ҳаёти одамонро мақсади асосии кулли ислоҳотҳоямон қарор додаем.

Вақте ман ба сифати роҳбар ба кор шурӯъ намудам, соли 2017-ро дар мамлакатамон **«Соли мулоқот бо халқ ва манфиатҳои инсон»** эълон кардем. Фикр мекунам, дарки он ки дар ин номгузорӣ ҳамин саъю кӯшишҳо таҷассум ёфтаанд, душвор нест.

Албатта, мо ҳоло наметавонем бигӯем, ки сохтори куҳнаро батамом тағйир дода, ба мақсади худ расидаем. Барои ин вақт лозим. Такрор мегӯям, мо ҳамеша дар ҷустуҷӯем. Дар ин роҳ қадамҳои аввалинро ниҳода истодаем. Вале онҳое, ки мегӯянд: «Ин дигаргуниҳои муваққатист, ҳамааш гузашта меравад», хато мекунанд. Ин аз самтҳои устувори сиёсати дурандешона, прагматикӣ ва халқии Президент ва командаи ӯст, ки онро бо ҳамроҳии халқамон, албатта, то охираш мерасонем, роҳи бозгашт нест.

**Дар асл натиҷаи муҳимтарине, ки мо имрӯз ноил гардидем, ин аст — ислоҳотҳои демократиамон ба худ ранги бебозгашт гирифтанд.**

Дар фаъолияти мақомоти давлатиамон рӯшодгӯиву ошкорбаёнӣ то рафт вусъат пайдо мекунад. Сенатору депутатҳо, вазиру ҳокимон, шахсони мансабдори ҳамаи зинаҳо бо халқ ошкоро вомехӯранд, бо ғаму ташвишҳои онҳо на дар рӯйи коғаз, балки дар амал ҷиддӣ машғул мешаванд. Яъне, дари мақомоти давлатӣ, қабл аз ҳама барои халқ, ҳар як шаҳрванд боз мешавад, бо онҳо мулоқоти фаъол анҷом медиҳанд.

Мо мавҷудияти мушкилоти вобаста ба меҳнати маҷбурӣ, хусусан, меҳнати бачаҳо, бекорӣ, муфлисӣ, коррупсия, таъмини аҳолӣ бо манзили зист, таълим ва тиброи ошкоро эътироф карда, онҳоро якҷо бо аҳли ҷомеаи васеъ ҳаллу фасл менамоем.

Имрӯз дар одамон ба адолат ва ҳақиқат боварӣ пайдо мешавад. Онҳо ба фаъолияти кории роҳбарони дараҷаҳои гуногун баҳои холисона медиҳанд, камбудиҳояшонро ошкоро танқид мекунанд. Ин ба рушди миллии мо аҳамияти муҳим дорад. Ба қавли шоири номиамон Эркин Воҳидов: **«Ҳақиқати талх хуб аст, аммо хуб нест дурӯғи ширин»**.

Имрӯз ҷамъият, одамон бедор мешаванд. Ҷамъияти маънан бедор нерӯи муқтадир аст.

Худ қазоват кунед, оё чанд сол пеш ин натиҷаҳоро тасаввур кардан мумкин буд? Не, албатта. Биноан, ҳамаи асосҳоро дорем, бигӯем, ки **Ўзбекистони имрӯза Ўзбекистони дирӯза нест, халқи имрӯзаамон низ халқи дирӯза нест**.

> ***Дар айни ҳол набояд ҳақиқатеро фаромӯш кунед: Ўзбекистони кунунӣ ба маънои томаш ҳанӯз он Ўзбекистони наве нест, ки мо орзу мекунем. Ҳоло барои ба ин марра расидан дар пешамон роҳи дуру пурмашаққате истодааст. Роҳамон то ин вақт осон набуд, минбаъд низ осон нахоҳад шуд. Вале мо набояд аз далерона ба пеш рафтан, агар лозим ояд, дар ниҳояти кор бо назардошти манфиатҳои халқамон, аз қабул кардани қарорҳои ғайрианъанавӣ биҳаросем.***

Мана, солҳои охир доир ба бисёр масъалаҳо, аз ҷумла, доир ба баромадан аз бахри тартиботи кухна, мисли «бақайдгирӣ», «стикер» барои баромадан ба хориҷи кишвар, меҳнати маҷбурӣ, пешбинии фармоиши пахта ва ғалла қарорҳои басе муҳим қабул кардем.

Агар бо таъбири халқ, содатар гӯем: бо ин замину осмон як нашудааст. Баръакс, ҳолатҳои бюрократия, сӯиистеъмоли вазифа, тамаъкорӣ коҳиш ёфта, ҳаёти ҷамъиятамон озод шуд, одамон сабук нафас кашиданд. Халқамон, аҳли ҷомеаи ҷаҳон ҳам ин иқдомоти моро баланд арзёбӣ мекунанд.

**Ўзбекистони нав қабл аз ҳама муносибат ва ҷаҳонбинии нави иқтисодӣ мебошад**. Биноан, сохтори иқтисодии мамлакатамон куллан нав карда мешавад, сарфи назар аз мушкилот ба татбиқи механизмҳои бозорӣ шурӯъ намудем.

Дар ҳоли ҳозир мушкилоте ба мисли тавассути банкоматҳо ба пули нақд табдил додани пули карточкаҳои электронӣ, дар «бозори сиёҳ» — як хел, дар бонкҳо дигар хел будани курси асъори миллӣ, хариди асъори хориҷӣ, гирифтани шаҳрвандӣ, дар таърих монд.

**Ислоҳотҳо ба манфиати ҳамаи қишрҳои аҳолӣ таъсири мусбат доранд:** соҳибкорон барои рушди тиҷорати худ ба озодӣ ва имкониятҳои нав ба нав соҳиб мегарданд, хоҷагиҳои деҳқонӣ, фермерӣ ва кластерӣ ба соҳибони ҳақиқии ҳосили рӯяндаи худ табдил меёбанд. Ҳол он ки дар давраи сохтори мустабиди собиқ бе амри «боло» қадаме ба пеш гузошта наметавонистем. Аҳвол то ба дараҷае расид, ки то боми хонаамон пахта коштем, вале якамон ду нашуд. Мактаббачагонро низ ба пахтачинӣ ҷалб намудем. Ба қавли шоири дӯстдоштаамон Абдулло Орипов, ки бо дард гуфта буд: **«Дар милён ҷӯяк саф кашида ўзбек»** сад сол қадро дол карда пахта чиндем.

То ба наздикӣ ҳар сол тахминан 6-7 миллион одам маҷбуран ба пахта сафарбар карда мешуд. Мана, се сол аст, ки онҳо бо ин мушкилот рӯ ба рӯ нестанд. Бо вуҷуди душвориҳои зиёд, мо ба ин соҳа усулҳои санҷида ва самарабахши иқтисоди бозор, аз ҷумла, низоми кластерро ҷорӣ кардем. Бо кӯмаки кластер аз ҳар як гектар майдони пахта 50 сентнерӣ, аз як гектари ғалла 100 сентнерӣ ҳосил рӯёндаем. Ба ин марра, албатта, хоҳем расид.

Сад афсӯс, мушкилоте бояд зуд роҳи ҳалли худро меёфтанд, дар дигар соҳаҳо низ зиёд буданд. Бо кайфияти ҳамааш хубу соз онҳоро нодида гирифтан мумкин буд. Вале ин ба худамон, халқамон, ояндаамон хиёнат мешуд.

**Рӯйирост гуфтаниям: табиатам дурӯғу сохтакориро намепазирад. Халқамон ба ман бовар кард, сафед кардани ин боварӣ, фароҳам овардани шароити сазовори ҳаёт ба халқу кишварамон мазмуну мундариҷаи ҳаёти ман аст. Ман, ки барои тақдири миллионҳо инсонҳо бори масъулиятро бар дӯш гирифтаам, наметавонам дар бахши ислоҳот роҳи дигарро пеш гирам, ҳамаашро мисли пештара ба ҳоли худ гузорам.**

Такрор мегӯям: ҳамаи корҳои дар пеш истодаро бояд бо неруи худамон анҷом диҳем, ҳеч кас аз берун омада мушкили мову шуморо ҳал намекунад.

***Савол.*** *Дар зинаи рушди имрӯзаи мамлакат вазифаҳои устувортарини дар пеш истода кадомҳоянд?*

**Ҷавоб.** Моҳи декабри соли сипаригардида дар Муроҷиатномаи ба Олий Маҷлис ирсолдошта дар ин хусус батафсил гуфта будам. Биноан, ба суолатон мухтасар ҷавоб медиҳам.

**Вазифаи устувори якум:** дар мамлакатамон сиёсати иҷтимоӣ аз самтҳои муҳиму устувори сиёсати давлатӣ буд, ҳаст ва хоҳад монд.

Дар ҳоли ҳозир баланд бардоштани сатҳи зиндагии одамон, афзудан ба фаровонии халқ, барои ин фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, ба вуҷуд овардани манбаъҳои даромад, коҳиш додани камбағалӣ, обод кардани шаҳру деҳот аз самтҳои муҳимтарини стратегияи иқтисодӣ маҳсуб меёбанд.

> ***Дар кишварамон сохтори куллан нав ва ба худ хоси ҳаллу фасли мушкилоти иҷтимоӣ фароҳам оварда шуд. Шумо, журналистон, албатта, аз ин бахубӣ огоҳед. Вақтҳои охир усулҳои корбарии «дафтари оҳанин», «дафтари занон», «маҳаллабаъй» ва «хонадонбаъй» айнан ба ҳамин мақсад ҷорӣ шудааст. Дар ин асос на нишондиҳандаҳои номафҳум доир ба мушкилот, балки мушкилоти муҳтоҷон — ҳар як шаҳрванд, занону духтарон ва ҷавонон дар ҷойи худ омӯхта мешавад, онҳо саривақт ва пурсамар ҳал мегарданд.***

Анъанаҳои нек, аз қабили дастгирии пиронсолон, маъюбон, инсонҳои ба вазъи ночор афтода, ғамхорӣ ба онҳо имрӯз бо мазмуну маънои нав ва ҳаракатҳои амалӣ такмил меёбанд. Дар ин хусус, хоссатан, барномаҳое ба мисли **«Деҳаи обод»**, **«Маҳаллаи обод»**, **«Панҷ ташаббуси муҳим»**, **«Ҳар як оила — соҳибкор»**, **«Ҷавонон — ояндаи мо»** натиҷаи мусбат медиҳанд.

Танҳо дар доираи **«Деҳаи обод»** ва **«Маҳаллаи обод»** соли 2021 дар 7 ҳазору 794 маҳаллаю деҳоти шаҳру ноҳияҳои мамлакат қимати умумиашон 20,8 миллиард сӯмина корҳои таъмирию ободсозӣ ба амал татбиқ мегарданд. Бояд таъкид кард, ки **дар тӯли таърих барои обод кардани деҳоту маҳаллаҳоямон ҳеч гоҳ ба ин миқдор пул ҷудо нашудааст, аз ҳама муҳимаш ба рушди онҳо ба ин дараҷа аҳамияти калон дода нашуда буд.**

Барои ба амал татбиқ намудани чунин корҳои васеъмиқёс роҳбарон аз дафтарҳои кории шинаму бароҳати худ баромада, ба поён дар сатҳи маҳаллаҳо кор мекунанд.

Хусусияти дастгирии иҷтимоии манзилдор дар он аст, ки ба ҳар як инсони муҳтоҷ, бо назардошти ниёзҳои реалии ӯ, имкони кӯмак кардан ба вуҷуд меояд. Дар ин маврид ба дар канор намондани инсонҳои ба ин тоифа мансуб рӯйи эътибор гардонда истодаем.

Пешниҳоду ташаббусҳо мисли пешина на аз «боло», балки бештар аз поён шуда истодааст. Дар татбиқи онҳо бошад, даст ба ҳам додани зинаҳои поёнӣ, миёна ва болои идораи давлатӣ натиҷаи матлуб мебахшад. Бино ба ин, манзараҳои иҷтимоии ҷамъиятамон куллан тағйир меёбанд. Аз ҳама муҳимаш, боварии одамон ба ҳаёт, меҳнат, тақдир ва ояндаи худ зиёд мешавад.

Ман ин гуна дигаргуниҳоро нишондиҳандаи асосии сифатии рушди ҷамъият меҳисобам.

Албатта, баъзе нуқсону камбудиҳо дар низоми ҳифзи иҷтимоӣ мавҷуданд. Мо онҳоро зина ба зина бартараф месозем, низомро такмил медиҳем, тавре мекунем, ки натиҷаи хуб диҳад, ба ин мақсад неруҳои солимро сарҷамъ месозем.

Дар ба амал татбиқ намудани чорабиниҳои пайгиронае, ки дастгирии моддии мақсадноки шаҳрвандони муҳтоҷро дар назар дорад, эътибори асосӣ на бо дотатсия таъмин кардани қишри камтаъмини аҳолӣ, балки ба шароит фароҳам овардан ба пайдо кардани манбаи даромад ба онҳо нигаронида мешавад.

**Вазифаи устувори дуюм:** муайян кардани нуқтаҳои пешравӣ дар соҳаи рушди иқтисодӣ ва рӯйи эътибор гардондан ба онҳо, бад-ин тариқ, афзудан ба рақобатпазирии иқтисодиёти Ўзбекистони нав нақши муҳим дорад.

Мисолан, бигирем соҳаи бофандагиро, ки барои мо басе муҳим аст. Корхонаҳои мо дар ин соҳа ба шарти ҳамаҷониба омӯхтани кулли ҷараёнҳои технологӣ, шурӯъ аз расондани пахта то коркарди он ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, якчанд баробар афзудани ҳаҷми содироту фоида дар ин самт метавонанд бо истеҳсолгарони кишварҳои пешрафта рақобат кунанд.

Ба мақсади ба манфиати халқу кишварамон истифода бурдани сарватҳои зеризаминӣ — ашёи хоми канори модар-замин, бо такя ба технологияҳои замонавии самарабахш нерӯҳои истеҳсолӣ барпо мегарданд.

Ба туфайли саъю ҳаракатҳоямон дар ин росто солҳои охир объектҳои бузургу нодире, аз қабили маҷмаи азнавкоркарди гази Қандим, заводи металлургияи Тошканд ба кор шурӯъ кард. Нерӯи истеҳсолии маҷмаи металлургияи кӯҳии Навоӣ ва комбинати металлургияи Ўзбекистон вусъат пайдо кард. Ба сифати идомаи ин корҳоямон хабар доред, ки ба наздикӣ бо ҳамкории ширкатҳои пешқадами хориҷӣ сохтмони фабрикаи нави мистозакунии комбинати металлургии Олмалиқ (қимати лоиҳавиаш баробар ба 2 млрд. доллари ИМА) оғоз ёфт.

Мо ҳангоми модернизатсия ва девирсификатсия кардани иқтисодиётамон, дар ҷараёни хусусигардонӣ танҳо на ба фурӯхтани корхонаҳо, балки ба афзудани рақобатпазирии онҳо, ба қобатҷӯйиҳои куллан наве, ки ба таҳким бахшидани манфиатҳои миллиамон дар бахши иқтисодӣ хидмат карда тавонанд, рӯйи эътибор мегардонем. Хусусан, дар фурӯхтани активҳои давлатӣ кафолатҳое басе муҳиманд, ки шаффофӣ, самаранокӣ ва иштироки аҳли ҷомеаи васеъро таъмин карда метавонанд.

**Вазифаи устувори сеюм:** ҳоло дар давраи пандемияи глобалӣ ҳифзи тандурустии аҳолӣ, аз ҷумла, ба гирдоби мушкилоти худ нагузоштани соҳибкорон яке аз мақсадҳои асосии мост. Зеро дар паси ҳар як сохтори соҳибкорӣ чандин ҷойи корӣ, даромади оилаҳо, тақдири имрӯзу фардои одамон қарор дорад.

Дар Ўзбекистони Нав вақтҳои охир теъдоди субъектҳои тиҷоратии хурду хусусӣ ду баробар афзуд, беш аз 50 фоизи корхонаҳои ин соҳа дар се соли охир созмон дода шуданд. Ин бошад дар мамлакатамон ба афзудани нерӯи қишри муҳими иҷтимоӣ — синфи миёна замина фароҳам овард.

Ин аст, ки дастгирии тиҷорат, ҳифзи соҳибкорӣ ва мулки хусусӣ аз масъалаҳои умдаи кулли ислоҳоти иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Соҳибкорон суханони зебову баландпарвозро доир ба дастгирии онҳо бисёр шунидаанд, акнун таъсири амалии ин гапҳоро бояд дар фаъолияти рӯзмарраашон ҳис кунанд.

Замони танҳо дар вақти андозҷамъкунӣ ва санҷишҳо аз аҳли тиҷорат ёд кардан дар қафо монд. Аз ин дидгоҳ, доир ба мақбулсозии қонунгузории андоз мо хеле корҳоро анҷом додем, вале ҳанӯз дар пешамон вазифаҳои калон истодаанд. Мо, албатта, онҳоро ба амал татбиқ менамоем.

Аз ҷониби баъзе мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ҳолатҳои дахолаткунӣ ба кори соҳибкорон, истифода аз «ҳуқуқи телефон», тазйиқ овардан ба онҳо ба назар мерасад. Мо сари нуқта гузоштан ба ин мушкилот кор мекунем. Агар мо соҳибкоронро дастгирӣ накунем, ба онҳо шароит фароҳам наоварем, ба теъдоди корхонаҳои хусусӣ наафзоем, вазъи буҷаи маҳаллии шаҳру ноҳияҳо беҳ намегардад.

**Ҳамаи мо бояд як ҳақиқатро амиқ дарк намоем: дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ роҳи пурсамартарини афзудан ба фаровонии шаҳрвандону халқ, мақсади ниҳоии бунёди Ўзбекистони нав мебошад.**

Боварӣ дорам, ки дар ҳаллу фасли нуқсону камбудиҳои ин соҳа беш аз пеш озод кардани ҳаёти мамлакат, вусъат бахшидани рӯшодгӯйиву ошкорбаёнӣ ва назорати иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад.

(Давомаш дар саҳ.3).

# ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ БА МАМЛАКАТИ ДИГАРГУНИҲОИ ДЕМОКРАТӢ, ИМКОНИЯТҲОИ ВАСЕЪ ВА КОРҲОИ АМАЛӢ ТАБДИЛ МЕЁБАД

> “ Мо дар шароити нав ба пурзўрсозии корҳои маънавию маърифатӣ майл мекунем. Ин гуна ҳаракат – барои рушди имрўза ва ояндаамон пойдевори мустаҳкам аст. Ба ин маъно, барпои Ўзбекистони нав – маънои таърихи наздик ва дур, бойигариҳои нотакрор ва нодири фарҳангиамонро боз ҳам амиқ омўхта, ба онҳо такя карда, дар давраи нав давом додани роҳи тараққиёти миллии мустақилонаи хешро дар худ муҷассам менамояд.

(Аввалаш дар саҳ.1, 2).

**Вазифаи устувори чаҳорум:** пандемия ба давраи дар кишоварзӣ ба амал баровардани дигаргуниҳо рост омад. Ин давр таъмини амнияти озуқаворӣ, дар асоси талабҳои замон ривоҷ додани сектори аграрӣ барои тамоми инсоният, аз ҷумла барои мо ҳам ба вазифаи аз ҳама муҳим табдил ёфта истоданашро равшан тасдиқ намуд.

Мамлакатамон дар хоҷагии кишоварзӣ ба иқтидори бузург, таҷриба ва анъанаҳои бой молик аст. Аммо муддати тўлонӣ дар ин сохтор мувофиқат ба иқтисодиёти бозор ва механизмҳои рағбатноксозии моддӣ ҷорӣ карда нашуд, барои ривоҷи он маблағ ва инноватсияҳои илмӣ ба таври кофӣ ҷалб нагашт. Дар натиҷа мадори замин хушкид, ҳосилнокии хок паст рафт.

Тасаввур намоед, дар давраи истиқлолият, яне 30 соли охир аҳолии Ўзбекистон 15 миллион нафар афзуд. Ин аҳолии як мамлакати миёна аст. Дигар ин ки бо мурури замон ва дигаргуншавии ҳаёт талаб ва эҳтиёҷоти истеъмолии одамон муттасил боло меравад. Зиёд шуда нарафтани замин ва обамон табиист, албатта. Ин гуна захираҳо нафақат дар мо, балки дар тамоми дунё маҳдуданд. **Бинобар ҳамин, мо бояд акнун ақл, иқтидори зеҳнӣ, дониш ва таҷрибаҳоямонро афзун гардонда, айнан ҳамин омилҳоро ба нуқтаҳои сабзиши иқтисодӣ ва манбаъҳои захиравӣ табдил диҳем.**

Ин аз ҳисоби чӣ мешавад? Албатта, ба ин аз ҳисоби дониш ва таҷриба, хонишу омўзиши доимӣ, ҷустуҷў, майл ба навигарӣ, ҷорӣ сохтани технологияҳои нав, самаранок пеш бурдани ислоҳот муваффақ шудан мумкин.

Аз ҳамин сабаб мо дар соҳаи аграрӣ ба трансформатсияи умумию сохторӣ шурўъ кардем. Ин соҳаро ба яке аз драйверҳои асосии иқтисодиёт табдил додан – мақсади асосии мо. Бо ин мақсад дар **Стратегияи рушди кишоварзӣ**, ки бо назардошти солҳои 2020-2030 кор карда бароварда шудааст, вазифаҳои асосӣ бобати рушди сохтор аниқу равшан муайян карда шудааст.

Хусусан, дар даҳ соли охир кишоварзӣ, бо суръат тараққӣ додани сектори озуқаворӣ ва деҳаҳоро ба нақша гирифтааст.

Тавассути дар соҳаи аграрӣ дар асоси тамоман нав ташкил кардани корҳо дар роҳи баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатбардории сохтор, дар ин самт офаридани ҳазорон ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани дараҷаи ҳаёт дар қишлоқҷойҳо қадамҳои муҳим гузошта мешаванд.

**Вазифаи устувори панҷум:** дар давраи пандемия нигоҳ доштани солимӣ ва ҳаёти халқамон барои мо муҳимтарин вазифа шуда мондааст. Бо ин мақсад аз буҷаи давлатӣ барои соли 2021 3 триллион сўм захира ташаккул дода шуд. Аз ҳисоби ин маблағ чораҳои зиёд дар соҳаи тиб, аз ҷумла, чораҳои эмкунии аҳолӣ алайҳи коронавирус ба амал баровarda мешавад.

Дар тамоми муассисаҳои табобатӣ ба афзунсозии хидматҳои масофавӣ, ба тарзи электронӣ ташкил кардани корҳо дар поликлиника ва касалхонаҳо, дар байни марказҳои тиббии ихтисосонидашудаи ҷумҳурӣ ва филиалҳои онҳо хидмати телемедитсинаро ба роҳ гузошта, барои диагностика ва муолиҷа боз ҳам васеъ намудани имкониятҳо эътибори алоҳида нигаронида мешавад.

Чораҳои пурзўрсозии зинаи ибтидоии тиббӣ, хусусан, дар деҳа ва маҳаллаҳо ба давраи нав бардоштани хидмати тиббӣ андешида мешавад. Аз ҷумла, дар зинаи ибтидоӣ ба ҷойи воҳиди штатии шифокори амалиёти умумӣ “бригадаҳои тиббӣ”-е ташкил карда мешаванд, ки аз шифокори оилавӣ ва 5 нафар ёрдамчиёни ў аз ҳисоби ходимони тиббии миёна ташкил карда шудааст.

> ***Ҳарчанд дар мамлакатамон барои кушодани клиникаҳои тиббии хусусӣ имкониятҳои васеъ офарида шудааст, дар ҷойҳо оиди хидматҳои гемодиализӣ, диагностикаи тиббӣ ва реабилитатсия беморхонаҳо намерасанд. Аз ҳамин сабаб барои афзунсозии лоиҳаҳо дар асоси шарикии хусусӣ-давлатӣ, таъмини 170-то иттиҳодияҳои тиббии ноҳия ва шаҳрҳо бо томографҳои компютерӣ, барои истифода аз онҳо баланд бардоштани малакаи ходимон корҳои амалӣ оғоз ёфтанд.***

*Боз як мушкили дигар дар тиб – нарасидани кадрҳои баландмалака мебошад. Аз ин рў, эътиборан аз соли таҳсили нав квотаи қабули ординатураи клиникӣ ду баробар афзуд. Ҳокимияти вилоятҳо дар омодасозии ҳамин гуна мутахассис-шифокорон барои ҳудуди худ аз буҷаи маҳаллӣ грантҳо ҷудо менамоянд.*

Дар мамлакатамон оиди трансплантатсияи узвҳои инсон ба кор карда баровардани асосҳои қонунӣ шурўъ намудем. Пештар, бинобар мавҷуд набудани базаи меъёрию ҳуқуқӣ дар ин самт, шахсе, ки донорӣ мекунад ақрабои наздики бемор набошад, ба трансплантатсия рухсат дода намешуд. Аксарият шаҳрвандонамон ин гуна ҷарроҳии тиббиро дар хориҷ мегузаронданд, онҳое, ки барои баромадан ба хориҷ қурбашон намерасид, ба ҳоли ногувор меафтоданд.

Яке аз масъалаҳое, ки моро ба вазъи душвор мегузорад, ҳолати коррупсионӣ дар соҳаи тандурустӣ мебошад. Танҳо соли гузашта дар сохтор тороҷ намудани бештар аз 30 миллиард сўм маблағ аниқ гашт ва айбдорон ба ҷазо кашида шуданд. Аз ин сабаб дар ин соҳа ба татбиқи сохтори назоратии таъсирнок, пеш аз ҳама, пурзўрсозии назорати ҷамъиятӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад.

**Баланд бардоштани маданияти тиббии аҳолӣ, тарғиби васеи тарзи солими зиндагӣ дар байни одамон нафақат дар соҳаи тиб, балки дар назди тамоми ҷамъияти мо вазифаи долузарб мебошад.**

Ҳар як инсон дар бораи саломатиаш бояд аввало худаш фикр кунад, ғамхорӣ намояд. Дар шароите, ки пандемияи коронавирус дар тамоми дунё, аз ҷумла, дар диёрамон давом мекунад, аҳамияти ин беқиёс аст.

Аз ин боис асло ҳақ надорем ба бепарвоӣ ва лоқайдӣ роҳ гузорем. Коронавирус ҳоло ҳам дар паҳлуи мост, бо мо зиндагӣ мекунад. Барои ҳамин дар мамлакатамон марказҳои тиббии дахлдор, захираи кофии дорувор ва воситаҳои ҳимоявӣ ташаккул дода шудааст. Дар ҳудудҳо 60-то истгоҳи оксиген ба кор андохта шуда, оиди муттасил бо оксиген таъмин намудани реаниматсия ва зершуъбаҳои муолиҷавии интенсивӣ корҳо босуръат пеш бурда мешаванд. Дар кишварамон оиди кор карда баровардани ваксина корҳои амалӣ сар шуданд.

Дар ҷумҳуриамон эътиборан аз 1 апрел ҷараёни эмкунии аҳолӣ алайҳи коронавирус муттасил давом дорад.

Аз фурсат истифода карда, бори дигар халқамонро даъват менамоям ба саломатиашон бо камоли масъулият нигариста дар чорабиниҳои эмкунӣ алайҳи коронавирус фаъолона иштирок намоянд.

**Вазифаи устувори шашум:** Мо дар шароити нав ба пурзўрсозии корҳои маънавию маърифатӣ майл мекунем. Ин гуна ҳаракат барои рушди имрўза ва ояндаамон пойдевори мустаҳкам аст.

Ба ин маъно, **барпои Ўзбекистони нав – маънои таърихи наздик ва дур, бойигариҳои нотакрор ва нодири фарҳангиамонро боз ҳам амиқ омўхта, ба онҳо такя карда, дар давраи нав давом додани роҳи тараққиёти миллии мустақилонаи хешро дар худ муҷассам менамояд.**

Солҳои охир дар самтҳои маданию гуманитарӣ – соҳаҳои маданият, кино, рақс ва санъати тасвирӣ, адабиёт ва рушди китобхонӣ чӣ гуна корҳоро ба амал баровардем, ба халқи мо маълум, албатта. Хусусан, ташкил ва ба дараҷаи баланд гузаронда шудани анҷумани байналхалқии мақом, ҷашнвораҳои бахшичигӣ ва ҳунармандии миллӣ дар тарғиби васеи Ўзбекистони нав дар ҷаҳон аҳамияти муҳимро молик гашт.

Барои тадқиқи холисона ва ҳаққонии таърихи миллиамон дар рўзҳои мо Маркази тадқиқи бойигариҳои мадании хориҷ оиди Ўзбекистон, дар ҳузури Академияи улум Маркази таърихи нави Ўзбекистон, телеканали “Таърихи Ўзбекистон” фаъолият мебаранд.

Бо мақсади омўхтан ва тарғиб намудани мероси динӣ ва илмӣ-тадқиқотии ниёгони бузурги муҳаддисамон, ки баҳри ривоҷи дини ислом хидмати беқиёс кардаанд, дар Самарқанд ва Сурхондарё марказҳои илмӣ-тадқиқотии байналхалқии Имом Бухорӣ ва Имом Тирмизӣ, айни замон дар шаҳри Тошканд Академияи байналхалқии исломи Ўзбекистон, Маркази илмӣ-тадқиқотии Имом Мотурудӣ фаъолият пеш мебаранд.

Маркази сивилизатсияи ислом дар Ўзбекистон, ки дар шаҳри Тошканд барпо мегардад, маркази илмию маърифатие мегардад, ки дар амиқ омўхтан ва ба дунё тарғиб сохтани мероси бойи динию маънавии халқи мо, тарбия намудани авлоди ҷавон дар рўҳи арзишҳои миллию умумибашарӣ нақши муҳим мебозад.

Мо дар замони мураккаб ва шиддатноки ҳозира бо баҳисобгирии торафт зиёд шуда истодани мавқеъ ва таъсири корҳои маънавию маърифатӣ ба боз ҳам пурзўрнамоии фаъолиятамон дар ин соҳа аҳамияти алоҳида медиҳем.

Қарорҳои Президент **“Дар бораи ташкил кардани бунёди мақсадноки пуштбонии маънавият ва эҷод”** ва **“Дар бораи чораҳои куллан такмилдиҳии сохтори корҳои маънавию маърифатӣ”**, ки моҳи марти соли равон қабул гардиданд, ба ҳалли самараноки вазифаҳо дар ҳамин соҳа нигаронида шудаанд.

Ўзбекистони нав дар ташкилотҳои байналхалқиву минтақавии нуфузнок дар қатори соҳаҳои дигар ташаббусҳо оиди масъалаҳои маънавию маърифатиро низ ҷасурона ба миён мегузорад. Таъкиди ин бамаврид аст, ки ташаббус оиди қабул карда шудани резолютсияи **“Маърифат ва кушодадилии динӣ”**, ки дар сессияи 72-юми Сарассамблеяи Созмони Милали Муттаҳид аз ҷониби мамлакатамон пеш гузошта шуд, аз ҷониби ҷамоатчигии байналхалқӣ дастгирӣ ёфт. Ба наздикӣ қабул карда шудани резолютсияи мазкурро алоҳида қайд кардан лозим.

Айни замон дар саммити дар шакли видеоанҷуман суратгирифтаи Шўрои ҳамкории давлатҳои туркизабон бо мақсади рағбатноксозии шахсоне, ки дар рушди соҳаҳои илму фан, таълим, маданият ва санъат, инчунин ваҳдати дунёи туркӣ саҳми муносиб гузоштаанд, боз як ташаббуси муҳим пеш гирифта шуда, **Мукофоти байналхалқии ба номи Алишер Навоии** Шўрои туркӣ таъсис ёфт. Ин нишони ҳурмат ва эҳтироми бузургест нисбати Алишер Навоӣ, ки фахру ифтихори тамоми туркизабонҳост, ҳамчунин ба халқест, ки ин зоти бузургро тарбия карда ба воя расондааст.

***Савол**. Дар барпо намудани Ўзбекистони нав ба сиёсати беруна, ба рушди робитаҳои дўстона бо давлатҳои дур ва наздики дунё аҳамияти алоҳида дода мешавад. Дар ин бора ҷиҳатҳои ба ҳам вобаста ва ҳамоҳанги сиёсати дохилию берунӣ дар чӣ намоён мегардад?*

**Ҷавоб.** Пеш аз ҳама таъкид кардан бамаврид аст, ки мо аз рўзҳои аввали қадам гузоштанамон ба давраи навсозии мамлакатамон ба пешбурди сиёсати кушод, прагматикӣ ва амалии сиёсати берунӣ, ба мустаҳкамсозии муносибатҳои дўстӣ ва ҳамкорӣ бо тамоми кишварҳои рушдёфтаи дунё, хусусан, давлатҳои ҳамсоя аҳамияти устувор медиҳем. Ўзбекистон дар даврае, ки гузашт, ба ҳамин роҳи стратегӣ содиқ монда, ўҳдадориҳояшро дар назди шарикон ва созмонҳои байналхалқӣ пурра иҷро менамояд.

Дар давраи таърихан кўтоҳи гузашта мавқеъ ва нуфузи сиёсии мамлакатамон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва миқёси ҷаҳон хеле назаррас гашт. **Дар дунё нисбати Ўзбекистони нав рўҳи боварӣ ва майл ба тамоюлҳои ҳамкорӣ пурзўр гашт.**

Дар навбати аввал, дар муносибатҳоямон бо давлатҳои ҳамсоя мушкилоте, ки тўли солҳо ғун гардида буданд, ҳал гардиданд. Сарҳадҳо кушода шуданд. Ҳамсоя бо ҳамсоя, ака бо укааш, падар бо фарзандаш, ақрабо бо ақрабояш робитаҳои кандашударо барқарор карда, равуо аз як мамлакат ба мамлакати дигарро оғоз намуданд. Масъалаи виза ҳал гардид. Робитаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва маданӣ-гуманитарӣ бо суръат рушд меёбанд.

Мамлакатҳоямон, ки аз азал ба якдигар хешу табор ва бародар буданд, оиди бисёр масъалаҳои минтақавӣ ва глобалӣ, ҳамкорӣ ҷиҳати рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳаракатҳоро сар карданд. Дар сиёсатшиносии ҷаҳон ибораи “Рўҳи Осиёи Марказӣ” пайдо гардид.

Вохўрии машваратии навбатии роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки 5–6 августи соли равон дар Туркманистон баргузор гардид, ба ин ҷараён мазмун ва қувваи нав бахшид, ки ин ба эътибор молик аст.

Худи ҳамин мисолҳо ба якдигар чӣ қадар вобаста ва ҳамоҳанг будани сиёсати дохилию беруниро нишон медиҳад. Аз ҳама муҳимаш, ҳамин ҳамоҳангӣ дар сиёсати дохилию беруниамон бо назардошти манфиатҳои халқи мо ба амал мебарояд ва натиҷаи инро одамҳои оддӣ низ дар ҳаёт ва тақдири худ ҳис менамоянд.

Боз як ҷиҳати муҳим он аст, ки Ўзбекистон имрўз бо сиёсати дурбинонаи худ ба иштирокдори фаъоли ҷараёнҳои сиёсӣ дар минтақаамон ва ҷаҳон табдил ёфт. Ҳамкориҳоямон бо Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди байнипарлумонӣ, Иттиҳоди Аврупо, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории ислом барин ташкилотҳои байналхалқиву минтақавӣ ба давраи нав баромад.

Мамлакатамон узви Шўрои ҳамкории давлатҳои туркизабон гардид, дар Иттиҳоди ҳамкории иқтисодии Евроосиё мақоми назоратгарро соҳиб гашт. Ўзбекистон дар таърихи худ бори аввал ба узвият оиди ҳуқуқҳои инсони СММ пазируфта шуд ва дар сессияи 46-уми он, ки дар шакли видеоанҷуман 22 феврали соли 2021 дар шаҳри Женева баргузор гардид, бомуваффақият иштирок намуд.

Соли гузашта мамлакатамон бори аввал ба ташкилоти Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил раисӣ намуд ва ба пандемия нанигариста, бештар аз 60-то чорабиниҳои байналхалқӣ, ки дар доираи ИДМ ба назар гирифта шуда буданд, самаранок сурат гирифтанд, наздик 70-то ҳуҷҷати муҳим қабул гашт.

Ўзбекистон дар фаъолгардонии ҷараёнҳои интегратсия ва ҳамкорӣ дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ торафт нақши муҳимтар мебозад.

Таклиф ва ташаббусҳои нав, ки аз ҷониби мамлакатамон дар анҷумани байналхалқии рўзҳои 15-16 июли соли равон дар шаҳри Тошканд таҳти мавзўи **“Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ: вобастагии минтақавӣ. Таҳдидҳо ва имкониятҳо”** баргузоршуда ба миён гузошта шуд, нафақат таваҷҷўҳи давлатҳои бепоёни ин минтақаҳо, балки эътибори ҳамҷамъияти ҷаҳонро ба худ кашид. Дар он, аз ҷумла, масъалаи барпои роҳҳои нақлиётии нави Осиёи Марказӣ ва уқёнуси Ҳиндро пайвасткунанда мавриди муҳокима қарор гирифт. Конфронс рўҳи Тошкандро дигарбора намоён намуд.

Дар ин рўзҳо **Консепсияи фаъолияти сиёсати берунии Ҷумҳурии Ўзбекистон** такмил меёбад. Дар ин ҳуҷҷати муҳим дар рўҳи шарикии стратегӣ ва боварии тарафайн ба боз ҳам мустаҳкамсозии дўстии бисёрасра ва некҳамсоягӣ байни давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки аз самтҳои устувори сиёсати берунии мост, эътибори муҳим нигаронида шудааст. Ўзбекистон бо шарикҳои асосии хориҷии худ Русия, Чин, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Туркия, Олмон, Фаронса, Британияи Кабир, Куриёи Ҷанубӣ, Ҷопон, Ҳиндустон, Покистон, Аморати Муттаҳидаи Араб ва дигар давлатҳо робитаҳои манфиатноки бисёрҷабҳа ва ба ҷонибҳо манфиатбахшро вусъат мебахшад.

Ўзбекистон ба сифати ҳамсояи наздики Афғонистон аз зудтар дар ин мамлакат устуворшавии сулҳу барқарорӣ манфиатдор аст.

Маълум, ки Ўзбекистон дар солҳои 2021-2022 ба Созмони ҳамкории Шанхай раисӣ менамояд. Дар вақти ҳозира мо баҳри бо савияи баланд гузаронидани ин тадбири муҳими сиёсӣ корҳои ҷиддии омодагиро пеш мебарем.

Муваффақиятҳоямон дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, озодии сухан ва эътиқоди динӣ, ҳамчунин баробарии гендерӣ зимни ҳамкорӣ бо созмонҳои нуфузноки байналхалқӣ муттасил таҳким меёбад.

Бо мақсади дастгирӣ ва мустаҳкамсозии робитаҳо бо ҳамватанҳоямон, ки дар бисёр мамлакатҳои дунё умр ба сар мебаранд, **бунёди “Ватандошлар”** ташкил гардид.

> ***Дар ҷамъиятамон корҳое, ки ба мустаҳкамсозии муҳити ҳамҷиҳатию кушодадилӣ нигаронида шудаанд, аз ҷиҳати сифат ба давраи нав бардошда мешаванд. 30 июл, ки ҳар сол ба сифати Рўзи дўстии байналхалқӣ қайд мегардад, дар Ўзбекистон “Рўзи дўстии халқҳо” эълон гардид. Имсол ин ид дар мамлакатамон бори аввал васеъ таҷлил ёфт. Инро низ ба сифати ҳодисаи муштарак, ки омилҳои сиёсати дохилию беруниро муттаҳид месозад, қабул кардан мумкин.***

Чун дар тамоми дунё, дар мамлакатамон низ ба ҳалли мушкилоти экологӣ эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Таҳти шарикӣ бо давлатҳои ҳамсоя ва ҷомеаи ҷаҳон ҳаракатҳо дар роҳи нармсозии таъсири фоҷиаи экологие, ки бинобар ҳалокати баҳри Арал ба вуқўъ омадааст, қатъиян давом мекунанд.

Дар ҷойҳои хушкидаи баҳр дар масоҳати садҳо ҳазор гектар ҷангал ва буттазорҳо барпо мешаванд, дар ҳудудҳои Наздиарал корҳои азими сохтмону ободгариҳо ба амал баровarda мешаванд. Дар ин самт фаъолияти **бунёди Трасти бисёрсамта оиди таъмини амнияти инсон дар минтақаи Наздиарал**, ки таҳти ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ташкил гардидааст, нақши муҳим мебозад.

Чун сухан дар ин бобат аст, ташаббуси муҳими Ўзбекистон оиди **Ҳудуди инноватсия ва технологияҳои экологӣ эълон карда шудани минтақаи Наздиарал** ва қабул карда шудани резолютсияи махсуси Ассамблеяи СММ дар ин самт, инро рўзи 18 майи соли 2021 бо як овоз маъқулкунии Ассамблея мавриди қайд мебошад. Дар кор карда баровардани ин резолютсия ИМА, Русия, Чин, Туркия, Озарбойҷон барин давлатҳои нуфузнок, ба сифати ҳаммуаллиф иштирок намудани ҷамъ 50 мамлакат ба ин ташаббус чӣ қадар таваҷҷўҳ зоҳиркунии ҳамҷамъияти ҷаҳонро далолат медиҳад.

(Давомаш дар саҳ.4).

# ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ БА МАМЛАКАТИ ДИГАРГУНИҲОИ ДЕМОКРАТӢ, ИМКОНИЯТҲОИ ВАСЕЪ ВА КОРҲОИ АМАЛӢ ТАБДИЛ МЕЁБАД

“Талаби асосии ман ин дарки одамон, бо шодиву ташвишҳои онҳо зистан, ба вазъияти атроф бо чашми халқи оддӣ назар дӯхтану баҳо додан ва аз мардум ҷудо нашудан аст. Танҳо дар чунин вазъият идоракунии ҳудуд ё худ соҳа ва қарорҳои муҳим қабул кардан самараи хуб хоҳад дод.
Мизони фаъолияти ҳар як роҳбар ин мақсади асосии худ донистани орзуву умедҳои халқ ва онҳоро мунтазам ба ҳаёт татбиқ кардан мебошад.

(Аввалаш дар саҳ.1, 2, 3).

***Савол.*** *Равшан аст, ки самарабахшии ислоҳот аз бисёр ҷиҳат ба кадрҳои роҳбарикунанда, бахусус, аз дониш ва таҷриба, савияи сиёсӣ ва маданияти ҳокимони маҳаллӣ вобаста аст. Ба ин маънӣ фаъолияти кории намояндагони ҳокимият, ки дар маҳалҳо вакили Президент маҳсуб мeёбанд, оё Шуморо қонеъ месозанд?*

**Ҷавоб:** Ман дар ин бобат дар Муроҷиатномае, ки соли гузашта ба Олий Мажлис равона карда будам, махсус истода гузаштаам. Норасоии дониш ва таҷриба, салоҳияти сарварӣ, фидокорӣ барои кори халқу кишвар нафақат барои ҳокимон, балки барои роҳбарони хурду бузурги тамоми зинаҳо аз масъалаҳои мураккабест, ки маро азият медиҳад.

Шумо дуруст гуфтед, самаранокии ислоҳот дар маҳалҳо, пеш аз ҳама, аз ҳокимон – аз дониш ва таҷрибаи онҳо, аз хусусиятҳои соҳибкориашон вобаста мебошад. Аз ҳама муҳимаш, онҳо бояд сазовори эътимоди одамон бошанд. Аҳолӣ дар маҳалҳо бо дарназардошти кор, хидмат ва маданияти муомила, савияи сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқии роҳбарон ба ҳокимияти давлатӣ баҳо медиҳад. Лекин агар кушоду равшан бигӯем, на ҳамаи ҳокимон, умуман, тамоми роҳбарони зинаҳои поёнӣ дар байни халқу кишвар сазовори обрӯву эътибори зарурӣ ҳастанд.

Мутаассифона, аксар роҳбарон дар байни халқ будан, бо дарду ташвишҳои мардум зиндагӣ карданро кори дуюмдараҷа меҳисобанд. Бинобар ҳамин ҳам онҳо дар ҳаллу фасли бисёр масъалаҳо заиф ва оҷиз мемонанд.

Дар асл мулоқот бо халқ, зиндагии доимӣ дар ғаму ташвиш ва мушкилоти одамон бояд вазифаи нахустин ва муқаддаси ҳар кадом роҳбар бошад. Маданияти роҳбарӣ ва идоракунӣ, дониш ва таҷрибаҳои ҳаётӣ аз куҷо оғоз мегиранд? Ин таҷрибаҳо бевосита аз мулоқот сар мешаванд. Бахусус, агар роҳбарони зинаҳои поёнӣ ҷаҳонбинии худро тағйир дода, бо шаҳрвандони оддӣ ҳампаҳлӯ ва бо соҳибкорон дӯствор кор накунанд, мо ҳар қадар нирӯ ва маблағи зиёд харҷ кунем, фармон ва қарорҳо қабул карда, шароит фароҳам оварем, пешрафти ислоҳоти мо дар маҳалҳо душвор мегардад.

Ҳоҷати пинҳон кардан нест, мо ҳоло дар замони бағоят душвор, пуртаҳлука ва рақобати бешафқат зиндагӣ дорем. Дунё бо чунон шиддат дигаргун мегардад, ки таҳлил ва башоратҳои дирӯзаи сиёсиву иқтисодӣ ба ҳақиқати имрӯз мувофиқ намеоянд. Зиддиятҳои тарафайн, «талошҳои тиҷоратӣ», мушкилоти экологӣ торафт пурзӯр мегарданд. Дар чунин шароити мураккаб мансабдороне, ки ҳамдард, ҳамнафаси халқу кишвар нестанд, ҳақиқатҳои оддии тақозои ҳаётро дарк намекунанд, ба сифати роҳбар оянда надоранд. Ба зиммаи онҳо наметавон бо эътимод ягон вазифаи масъулиятнокро гузошт.

Замоне ман низ чун ҳоким кор кардаам. Шароити он давррo бо имкониятҳое, ки имрӯз ҳастанд, куллан наметавон қиёс кард. Дар бисёр масъалаҳо дасту пойи мо баста буд, ҳама корро лозим меомад бо дарназардошти кайфияти роҳбар ҳаллу фасл кунем. Аз ҳама бадаш барои ҳалли мушкилоти зинаҳои поёнӣ валломатҳое, ки дар ҳуҷраҳои хушҳавои идораҳои болоӣ менишастанду аз дарду ташвишҳои мардуми деҳот, ёхуд овулҳо куллан бехабар буданд, вазъияти маҳалҳоро тасаввур карда ҳам наметавонистанд, қарор қабул мекарданд. Имрӯз бошад, ҳокимон ваколати мустақилона қарор қабул намудан, мустақилона кор кардан доранд. Аз онҳо чун пешина аз Тошканд ризоият гирифтан, бо муттасаддиёни идораҳои марказӣ маслиҳат кардан, барои корҳои ночиз иҷозат пурсидан талаб карда намешавад.

Ҳоким, роҳбар низ ҳамчун инсон масъалаеро надонистан, ёхуд аз назар дур карданаш, ба саҳву хато роҳ доданаш мумкин аст, инро метавон дарк кард, вале агар ӯ ин хатоҳояшро эътироф накунад, барои дуруст кардани онҳо саъю ҳаракат нанамояд, барои омӯхтан, ба тарзи нав кор кардан, афзудани дониш ва таҷрибаи худ саъй накунад, ба манфиатпарастӣ ва маишат дода шавад, аз ин ҳолат куллан наметавон чашм пӯшид.

**Талаби асосии ман ин дарки одамон, бо шодиву ташвишҳои онҳо зистан, ба вазъияти атроф бо чашми халқи оддӣ назар дӯхтану баҳо додан ва аз мардум ҷудо нашудан аст. Танҳо дар чунин вазъият идоракунии ҳудуд ё худ соҳа ва қарорҳои муҳим қабул кардан самараи хуб хоҳад дод.**

**Мизони фаъолияти ҳар як роҳбар ин мақсади асосии худ донистани орзуву умедҳои халқ ва онҳоро мунтазам ба ҳаёт татбиқ кардан мебошад.**

Дар байни ҳокимон ва вазирон, роҳбарони ширкат ва бонкҳо ба камол расидани вакилони авлоди нави фаъол, чашмикордон, амиқандеш маро хурсанд мекунад. Онҳо бо халқ мулоқоти кушод доранд, ташаббус зоҳир мекунанд, нишондоди болоро интизор нашуда, худашон мустақилона ва далерона кор мебаранд.

Мутаассифона, баъзе роҳбарон ва мутасаддиён ба худбинӣ дода мешаванд, ҳавобаландӣ мекунанд ва пай намебаранд, ки пояшон аз замин канда шудааст. Ин барои онҳо фоҷеаи ҳақиқист. Бешубҳа, дар сафи мо барои ин гуна роҳбарон ҷой нест ва буда ҳам наметавонад. Ин нафақат тақозои Президент, балки дар айни вақт талаби халқ ва ҳаёт аст.

***Савол.*** *Шумо мунтазам таъкид мекунед, ки барои роҳбари давлат мулоқоти бевосита бо халқ аҳамияти бағоят муҳим дорад. Вале дар ҳаёт оё бинобар тамоми масъалаҳо имкони бо халқ суҳбат кардан, фикри ӯро гирифтан ҳаст? Шумо ана ҳамин «холигоҳ»-ро чӣ гуна сарпур месозед?*

**Ҷавоб.** Ман аз рӯзи аввали ҳамчун Президент ба кор сар кардан ба ҳамкорони худ қатъиян таъкид намудаам, ки суханони баландпарвози ба аҳволи воқеӣ куллан алоқанадошта ва рақамҳои «зебо»-ро намеписандам.

**Ҳар қадар талх ва сахт набошад, ман мехоҳам маълумоти дуруст ва ҳаққонӣ дошта бошам. Ин барои қарорҳои дуруст қабул кардан ба ман кӯмак мерасонад.**

Бешубҳа, ин талабро на ҳама дарк кардаанд, то ҳол саъю кӯшишҳои ба тарзи кӯҳна маълумотдиҳӣ мушоҳида мешаванд. Вале ман барои роҳ надодан ба чунин ҳолатҳо ҳаракат мекунам. Бо бисёриҳое, ки ин ҳақиқатро идрок накардаанд, хайрбод гуфтем, дар ин масъала талаб ҳамеша ҷиддӣ хоҳад буд.

Ҷараёни ислоҳоти кунунӣ, ки ба таъмин сохтани ояндаи халқи мо, манфиатҳои Ватанамон, фардои ҷамъият ва бахти фарзандонамон нигаронида шудаанд, инро тақозо доранд. Дар ин бобат мо ҳақ надорем бо роҳи дигар равем.

**Бори дигар такрор мекунам, ҳар касе, ки дар байни роҳбарон ва мутасаддиён ин талаби ҷиддиро дарк накунад, бо вуҷуди тамоми мушкилот, мо бо ӯ кор карда наметавонем.**

Мақсади асосии ҳар як сафари ман ба саросари мамлакат ин аз донистани тарзи зиндагӣ ва нафаси халқ иборат мебошад. Ин масъалаи бағоят муҳим аст. Барои ҳамин ҳам дар бисёр ҳолатҳо ҳангоми сафар зарур меояд, самти роҳи худро дигар бикунам. Фикр мекунам, ин «хатсайр»-ҳои ғайричашмдошт ва дар ягон ҳуҷҷат қайд нагардида, роҳбарони маҳалҳоро ба ҳушёрӣ ва дақиқкорӣ даъват менамояд.

Мутаассифона, бо вуҷуди чандин бор гуфтану огоҳ кардан дар маҳалҳо ҳанӯз пеш аз ташрифи ман кӯчаву майдонҳоро тозаву озода мекунанд, дар як шаб дар назди биноҳо «сабзазор» ва «гулзор»-ҳо пайдо мешаванд, умуман, чашмбандӣ ва корҳои фиреби назар идома доранд. Чашмбандӣ, азият додани одамон, вобастагӣ ба суханони сохтаву баландпарвоз тӯли солҳо ба хуни баъзе роҳбарон он қадар омехтааст, ки халосӣ аз онҳо душвор мегардад.

Вале бо ҳар кадом роҳе набошад, бояд ба ин иллатҳо хотима гузошта шавад. Зеро чунин ҳолатҳо ба табиати асили халқи мо, ки ростгӯ буда, ба гапҳои сохта ва корҳои бофта эътимод надорад, мувофиқат намекунад.

***Кори идораҳои ҳокимияти маҳаллӣ набояд бо омаду рафти Президент хатм ёбад, балки баръакс пас аз ташрифи ӯ аз нав оғоз бигирад ва ҳатто аз аввала бештару беҳтар бошад. Танҳо дар ҳамин сурат дар кори мо суръат ва сифат мешавад, мо барои натиҷаи ниҳоӣ кор карданро меомӯзем. Пештар ҳокимон дар муддати аз сафар то сафар бо хотири ҷамъ, ба таъбире кайфу сафо карда мегаштанд, ҳоло бошад онҳо дар назди худ мақсад ва вазифаҳои аниқ гузошта, дар асоси маслиҳат бо халқ аз таҳти дил кор мекунанд. Зеро онҳо медонанд: Президент дафъаи навбатӣ бинобар ҳар як масъала, албатта, натиҷаи аниқро талаб мекунад.***

Мо дар зинаи нави тараққиёти мамлакат барои ҳар чи зудтар ҳаллу фасл кардани вазифаҳои муҳим масъулияти шахсӣ ва ҷавобгарии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти дигари идораи давлатӣ ва муовинони роҳбарони иттиҳодияҳои хоҷагиро мустаҳкам, вазифаву ваколатҳояшонро дақиқ, ҳамчунин, барои афзудани самаранокии фаъолияти онҳо низоми навро ҷорӣ менамоем. Ба ин кор аҳамияти махсус медиҳем. Бинобар ин мақсад қарори махсус низ қабул кардем. Муайян карда шуд, ки муовинони роҳбарони ба тоифаҳои болоӣ дахлдор барои самаранокии фаъолияташон дар самт ва соҳаҳои ба онҳо вобаста дар назди Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон шахсан ҷавобгар ва дар назди Девони Вазирон ҳисоботдиҳанда мебошанд. Ба тарзи дигар бигӯем, акнун муовинони роҳбарони зинаҳои гуногун дигар наметавонанд, дар сояи сарвари худ умри осуда ба сар баранд. Минбаъд онҳо низ барои вазифаҳои аниқ ҷавоб медиҳанд. **Масъулияти шахсӣ ва ҷавобгарӣ барои тамоми ходимони идораҳои роҳбарикунанда мизони асосӣ мегардад.**

Ҳоли ҳозир ба кори дар маҳалҳо ҳаллу фасл кардани мушкилоте, ки мардумро азият медиҳанд, эътибори махсус медиҳем. Ҳокимони вилоят, ноҳия ва шаҳрҳо ҳафтае ду рӯз шаҳрвандонро қабул мекунанд. Ҳамчунин, низоми рӯзҳои қабул ба роҳ монда мешавад.

**Умуман, дафтари кории ҳар як ҳоким бояд ба «Қабулхонаи халқ» табдил ёбад.** Маҳз, дар чунин ҳолат ҳар кадом роҳбар аз аҳволи воқеии ҳудуд пурра хабардор мешавад, дар кори худ ба натиҷа ва самара муваффақ мегардад.

Бешубҳа, ҳоло манбаъҳои ошкоро ва шабакаҳои рӯшоди ахбор, ки ба донистани масъалаву муаммоҳои мардум, барои бартараф сохтани ташвишҳои одамон кӯмак мерасонанд, зиёданд. Бахусус, телевизион, матбуот, Интернет, нафаси ҳаёт, ба таъбире «задани набз»-и ҳар як соҳаро аниқу равшан ифода мекунанду дар ин бобат аҳамияти муҳим доранд. Шахсан худи ман навгониҳоеро, ки дар расонаҳои ахбори оммавӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ нашр мешаванд, мутолиа мекунам, аз тариқи онҳо бо фикру ақидаҳои муҳим, воқеаву ҳодисаҳое, ки сазовори диққату эътибори ҷомеа мебошанд, ба қадри имкон, саъй менамоям, бевосита шинос шавам.

Агар ба таври хулоса бигӯем, дар даврони мо, ки технологияҳои замонавии иттилоотӣ инкишоф ёфтаанд, аз ҳаёти воқеӣ куллан ҷудо шудан ғайриимкон аст. Бо вуҷуди ин бо халқ ба ҳар намуд, бигирем, ба сифати тадбири ба нақша гирифташуда, ё худ ташрифи ғайричашмдошт ба маҳалла, ноҳия, ягон муассиса, умуман, фикр мекунам, мулоқоти бевосита ҳамеша зарур мебошад.

Тамоми муаммоҳое, ки аз ҷониби шаҳрвандон, ҷомеаҳои васеъ ҷиддан муҳокима мегарданд, аз ҷониби мо эътибори ҷиддиро тақозо доранд. Онҳоро инкор кардан мумкин нест. Бешубҳа, ба ҳолатҳои вобаста ба вайроншавии қонун дар ҷамъият, ноадолатӣ, муносибати беписандона ба ҳуқуқҳои инсон ва тамаъгарӣ наметавон бепарво шуд. Хоҳ муаммои доимӣ, хоҳ мушкилоти ҷузъӣ бошад, бояд зуд ба тамоми онҳо муносибат зоҳир карда, ҳар кадоми онҳо ҳаллу фасл карда шаванд.

Чунончӣ, солҳои охир дар мамлакати ба ислоҳоти куллӣ рӯовардаи мо мубаризаи муттасил бар муқобили тамаъгарӣ, ки қотили тараққиёт ба шумор меравад, идома дорад. Агар ба мисолҳо муроҷиат намоем, дар соли 2020-ум барои ҷиноятҳое, ки аз ҷониби мансабдорони дараҷаҳои мухталиф содир шудаанд, 1723 нафар ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шуданд. Зараре, ки аз ҷониби онҳо расид, 500 миллиард сӯмро ташкил дод. Дар панҷ моҳи соли 2021-ум бошад, нисбати 1696 нафар мансабдор парвандаи ҷиноӣ кушода шуд. Зарари аз онҳо расида 450 миллиард сӯмро ташкил медиҳад.

Шубҳае нест, ки ин зарари моддӣ аз айбдорон ситонда шуд. **Сиёсате, ки ба аз ҳаёти ҷамъияти мо маҳв сохтани балои тамаъгарӣ нигаронида шудааст, минбаъд низ қатъиян идома хоҳад ёфт.**

***Савол.*** *Дар мамлакатамон ба масъалаи бароии аҳолӣ бағоят муҳим ва ҳаётӣ – бунёди манзилҳои замонавӣ, аз ҷумла, сохтмони хонаҳои арзон эътибори махсус дода мешавад. Вусъати корҳои ин самт минбаъд чӣ гуна хоҳад буд?*

**Ҷавоб.** Дар мамлакати мо солҳои охир барои бунёди манзилҳои замонавӣ метавон гуфт даври нав оғоз ёфт. Дар чор соли охир нисбати солҳои аввал 4-5 баробар бештар сохта шудани хонаҳо, танҳо соли равон таъмин гардидани 54 ҳазор оила бо хонаву манзилҳои нав мисоли равшани вусъати корҳои бинокорӣ мебошанд. Вазифаҳои бузург, ислоҳоте, ки мо барои розӣ кардани халқамон дар назди худ чун мақсадҳои нек гузоштаем, ҳамчунин худи ҳаёти кунунӣ беш аз пеш афзудани суръат ва сифати сохтмони манзилҳои замонавиро тақозо дорад. Бояд махсус таъкид кард, ки мо пештар бо дарназардошти талабҳои замон ба бунёди манзилҳои истиқоматӣ чунин муносибати ҷиддӣ зоҳир намекардем, чун имрӯз корҳои васеъмиқёсро татбиқ намесохтем. Мо ҳоло дар ин роҳ қадамҳои аввалин гузошта соҳиби таҷрибаи бузург мешавем. Дар тамоми минтақаҳо барои аҳолӣ хонаву манзилҳое сохта мешаванд, ки зебову шинам буда, дорои тамоми шароитҳои замонавӣ мебошанд. Ба ҳаёти мо мавҳум ва таъбирҳои нави «хонаҳои арзон», «хонаи оқил», «шаҳри оқил», «хидматҳои рақамӣ» ворид мегарданд.

Дар оянда бунёди манзилро бояд ба дараҷае бардорем, ки тамоми табақаҳои аҳолӣ ба харидани хона ва дар ин бобат ба имкони интихобкунӣ соҳиб бошанд.

Бешубҳа, дар ин бобат мушкилоти мухталиф низ вуҷуд доранд ва мо якҷо бо мақомоти идораҳои маҳаллӣ онҳоро ҳаллу фасл мекунем.

Чунончӣ, бо вуҷуди он ки дар ҷойҳои холии байни хонаҳои бисёрошёна ба бинокорӣ, сохтмони иморатҳо моратория гузошта шудааст, буридани дарахтон, танг намудани ҳудудҳои сабз бисёриҳоро ба ташвиш овардааст. Бино бар бепарвоӣ, ё худ манфиатпарастии баъзе роҳбарон дар мавзеъҳои истиқоматӣ ҷойҳои сайру гашти мардум, макони машғулшавӣ бо варзиш, маҳалҳои якҷо бо фарзандон истироҳаткунии волидон торафт танг мешаванд.

Бешубҳа, мо нисбати чунин ҳолатҳо чораҳои қатъӣ меандешем. Бино бар ҳамин ҳам дар Тошканд ва дигар шаҳрҳои бузург чорабинии дар ҳудудҳои берун аз шаҳр сохтани хонаҳо андешида мешаванд. Ба амалиёти дар мавзеъҳои истиқоматӣ бидуни гузаронидани шабакаҳои инфрасохтори коммуналӣ – газ, энергияи электр, оби ошомиданӣ ва канализатсия ба роҳ мондани сохтмони биноҳои нав барҳам дода мешавад.

***Савол.*** *Дар мамлакати мо барои таъмин сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон, таълим гирифтан ва меҳнат кардани онҳо, ба ҳаёт татбиқ сохтани дониш ва қобилияташон шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда мешаванд. Соли 2021-ум дар кишвари мо «Соли дастгирии ҷавонон ва таҳкими саломатии аҳолӣ» эълон гардид, ки боз як ифодаи амалии ин корҳо мебошад. Ба фикри Шумо дар ҷараёни бунёди Ўзбекистони нав мавқеъ ва вазифаҳои асосии ҷавонон аз чиҳо иборат хоҳад буд?*

**Ҷавоб.** Ҷавонон такягоҳ ва пуштбони асосии халқамон мебошанд. Барои самарабахш ба амал татбиқ сохтани ислоҳоти васеъмиқёси мо онҳо чун нерӯи ҳалкунанда ба майдон мебароянд. Маҳз, писарону духтарони дорои донишҳои замонавӣ, касбу ҳунарҳои пешқадам, донандагони хуби технологияҳои инноватсионӣ, забонҳои хориҷӣ барои беш аз пеш инкишоф додани мамлакат мақоми пешрав доранд.

Равшан аст, ки ҷавонон ба навандешӣ, истифодаи ғояҳои нав ба нав, ба амал татбиқ сохтани онҳо, ҳаллу фасли эҷодӣ ва ғайритабиии муаммоҳо дилбастагӣ доранд. Бинобар ҳамин ҳам ҳоли ҳозир мо ба донишомӯзии намояндагони насли наврас, барои ба амал татбиқ сохтани истеъдод ва қобилияти онҳо дар соҳаҳои илму фан, инноватсияҳо, адабиёт, санъат ва варзиш, иштироки фаъолашон дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсии ҷамъият фароҳам овардани тамоми шароитҳо аҳамият медиҳем.

Дар яке аз ҳадисҳои мубораке, ки ниёи мо Имом Бухорӣ ҷамъ овардааст, гуфта мешавад: «Дониш дар кӯдакӣ нақш дар санг аст».

Аз таърих хуб маълум аст, ки алломаҳои бузурги мо ба чунин ҳикматҳо амал карда, дар соҳаи илму фан ба кашфиётҳои беназир муваффақ шуда, ба пешрафти тафаккури умумибашарӣ саҳми беқиёс гузоштанд.

Чунин анъанаҳои муборакро идома дода, дар мамлакат тарбия карда, ба воя расондани хоразмиён, фарғониён, беруниҳо, ибни синоҳо, мирзо улуғбекҳо, навоиҳои нав нафақат вазифа, балки фарзи муқаддаси мо дар назди таърих ва оянда аст.

Мо дар ин роҳ корҳои бузургро оғоз кардем. Дар мамлакат ба мақсади тайёр кардани кадрҳои рақобатбардори дорои дониш ва таҷрибаи баланд миқдори мактабҳои олӣ ба 141 адад расонида, филиали 26 муассисаи таълими олии хориҷӣ кушода шуд. Ҳанӯз соли 2016-ум миқдори мактаби олӣ дар ҷумҳурӣ 77-торо ташкил медод. Дар муддати кӯтоҳ дар ин бобат қариб ду баробар пеш рафтем, бидуни шубҳа, дастовардҳои ҷавонони мо натиҷаи саъю ҳаракатҳоямон дар роҳи зиёд кардани салоҳияти зеҳнии тамоми ҷамъият, беш аз пеш қарин шудан ба дониш ва ҳунарҳои замонавӣ мебошанд.

Тӯли панҷ соли охир квотаи қабул ба таълими олӣ се баробар зиёд карда шуд. Соли равон барои 182 ҳазор нафар ҷавонон имконияти донишҷӯ шудан фароҳам омад. Ин маънои онро дорад, ки фарогирии умумӣ 28 фоизро ташкил дод. Худатон қиёс бикунед, ин рақам 4 сол пеш ҳамагӣ 9 фоизро ташкил медод. Дар ин бобат грантҳои давлатӣ аз 21 ҳазор ба 47 ҳазор афзуд, мо таҷрибаи соли гузаштаи худро ба зинаи нав бардошта, барои ба мактабҳои олӣ дохил шудани 2 ҳазор нафар духтарони оилаҳои эҳтиёҷманд грантҳои махсус ҷудо кардем, ки ин намунаи эътибори амалӣ барои таъмин сохтани ояндаи ҷавононамон мебошад.

(Давомаш дар саҳ.5).

# ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ БА МАМЛАКАТИ ДИГАРГУНИҲОИ ДЕМОКРАТӢ, ИМКОНИЯТҲОИ ВАСЕЪ ВА КОРҲОИ АМАЛӢ ТАБДИЛ МЕЁБАД

“ Дар назди халқу диёрамон, ки ба ҳамаамон ризқу насиба дода, дар оғӯши меҳр парвардааст, мо ҳамеша қарздорем. Ноил шудан ба ризоияти халқи азиз ва муҳтарами мо – бароямон бузургтарин саодат мебошад. Зеро халқ аз мо розӣ бошад, Офаридгор низ розӣ мешавад.

(Аввалаш дар саҳ.1, 2, 3, 4).

**Мо нақша дорем то соли 2030 фарогирии мактаббачагон, хатмкунандагони литсей ва коллеҷҳоро бо таълими олӣ то 50 фоиз афзоиш диҳем ва мо албатта ба ин ноил хоҳем шуд.**

Соли равон дар Тошканд **донишгоҳи «Ўзбекистони нав»**, ки ба талаботи баланди байналмилалӣ ҷавоб медиҳад, ташкил карда шуд. Ин донишгоҳ барои ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвари мо намуна хоҳад буд. Дар ин ҷо ҷавонони донишманд ва боистеъдоди мо таҳсил мекунанд.

Мо ба рушди ҳамоҳанг ва мутавозуни ҳамаи марҳилаҳои низоми муттасили таълиму тарбияи миллӣ таваҷҷӯҳи махсус медиҳем. **Натиҷаи чунин ислоҳот аст, ки дараҷаи фарогирии кӯдакони мо бо таҳсилоти томактабӣ дар чор соли охир ду баробар афзуда, аз 27,7 фоизи пешина то 60 фоиз ва шумораи кӯдакистонҳо се маротиба афзуда, ба беш аз 14 000 нафар расид.**

Ҳозир дар мамлакати мо дар низоми таълими мактабӣ дар асоси ғояи **«Ўзбекистони нав аз остонаи мактаб сар мешавад»** дигаргуниҳои калон ба амал омада истодаанд. Дар шаҳри Тошканд ва ҳудудҳоямон шумораи мактабҳои Президент, мактабҳои эҷодӣ ва ихтисосонидашуда меафзоянд.

Дар доираи барномаи «Панҷ ташаббуси муҳим», марказҳои «Баркамол авлод» барои пурмазмун гузарондани вақти холии ҷавонон имсол 36 000 маҳфилҳои иловагӣ таъсис дода шуда, тақрибан 874 000 бачаҳо ба онҳо ҷалб карда шудаанд. Илова бар ин, ба муассисаҳои таълимӣ, китобхонаҳо ва марказҳои таълимӣ тақрибан 100 000 адад анҷомоти бадеӣ ва варзишӣ, компютерҳо ва қариб 600 000 китоб оварда шуданд.

Хусусан, ба рӯи об баровардани ғояву ташаббусҳои писарону духтарони наврас дар соҳаи соҳибкорӣ, бо кор ва манбаи даромад таъмин намудани онҳо дар миқёси давлат эътибори калон дода мешавад. Ба туфайли чунин таваҷҷӯҳ, шумораи соҳибкорони то 30-сола дар чор соли охир 5 маротиба афзуда, аз 500 000 гузашт, ки ин бешубҳа дар рушди ин соҳа нақши муҳим дорад. Танҳо дар соли ҷорӣ ба зиёда аз 92 ҳазор нафар ҷавонон барои лоиҳаҳои соҳибкорӣ ба маблағи 2,3 триллион сўм қарзи имтиёзнок ҷудо карда шуд, ки ба боз ҳам васеъ гардондани сафи ҷавонони мо хидмат хоҳад кард.

Ҳазорон писарону духтарони мо дар курсҳои касбомӯзӣ, ки дар маҳаллаҳо ташкил карда мешаванд, касбҳои муосиреро, ки дар бозори меҳнат ба онҳо талабот зиёданд, аз худ мекунанд.

Аз соли равон вобаста ба имконот ва самти рушди ҳар як ноҳия дар деҳаҳо аз 10 сотих то 1 гектар ҷудо кардани замин ба ҷавонон оғоз ёфт. Дар натиҷа ба беш аз 230 ҳазор нафар ҷавоне, ки дар деҳа зиндагӣ мекунанд, 61 ҳазор гектар майдон ҷудо карда шуд. Илова бар ин, барои кишти такрорӣ ба 170 000 ҷавон боз 75 000 гектар замини аз ғалла холишуда ҷудо карда шуд.

Корҳое, ки дар чаҳорчӯби «Дафтари ҷавонон», барномаҳои ҷавонон доир ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар байни онҳо ва ҳавасмандгардонӣ ба худбандкунии онҳо амалӣ мегарданд, нақши муҳим пайдо мекунанд. Дар давоми ҳашт моҳи соли ҷорӣ барои ҳалли мушкилоти 430 000 писару духтаре, ки ба «Дафтари ҷавонон» шомил карда шудаанд, 300 миллиард сўм ҷудо карда шуд. Аз ҷумла, пули контракти беш аз 2000 донишҷўе, ки фарзанди оилаҳои ба «дафтари оҳанин» воридкардашуда мебошанд, пардохта мешавад.

Аз соли равон тартиби пурра аз буҷа ба кордиҳандагон баргардондани андози иҷтимоӣ, ки аз ҷониби онҳо ба кормандони то 25-сола пардохта шудааст, ҷорӣ карда мешавад. Дар натиҷа, дар нимаи дуюми соли ҷорӣ 170 миллиард сўм ва соли оянда 500 миллиард сўм дар ихтиёри соҳибкорон, ки 240 ҳазор нафар ҷавононро бо кор таъмин кардаанд, боқӣ мемонанд.

Дар асоси низоми нав, ки ба дастгирии ҷавонони донишҷӯ нигаронида шудааст, ба 62 000 нафар писарону духтароне, ки бо хобгоҳ таъмин нестанд, аз буҷет 50% -и иҷораи ҳармоҳа пардохт карда шуд.

Албатта, кори мо дар ин самт на танҳо пайваста идома дорад, балки ба зинаи нав бароварда мешавад. Инро Фармон **«Дар бораи чораҳои иловагии дастгирии ҳамаҷонибаи ҷавонон ва минбаъд баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоии онҳо»** аз 13 июли соли 2021 тасдиқ мекунад.

Ин санад фароҳам овардани беш аз 30 имтиёзи иловагӣ ва имконот барои ҷавонони кишвари моро пешбинӣ мекунад. Мехостам дар бораи яке аз ин имкониятҳо ҳарф занам. Пули қарордод барои таҳсили соли аввали писарону духтарон аз оилаҳои эҳтиёҷманд дар муассисаҳои таълими олӣ дар соли таҳсили 2021-2022 аз Буҷети давлатӣ пардохт карда мешавад. Аз ин имконият метавонанд фарзандони зиёда аз 4000 оила дар саросари кишвар истифода баранд. Ба ин максад аз буҷет 29,2 миллиард сўм ҷудо карда мешавад.

Дар мамлакати мо ба дастгирии бачаҳое, аз волидон ҷудо шудаанд, ба меҳр муҳтоҷанд, ба таҳсил, шуғл ва таъминот бо манзил, пайдо намудани ҷойгоҳи шоиста дар ҷомеа, таҳкими пойгоҳи моддию техникӣ ва нерӯи кадрии «Хонаҳои меҳрубонӣ», мактаб-интернатҳои махсус ва «Шаҳри кӯдакон» таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир карда мешавад.

Аз ҷумла тарбияи бачаҳо дар «Хонаҳои меҳрубонӣ» дар муҳити оилавӣ, тарбияи онҳо ҳамчун одамони бомаърифат, соҳиби касб, дорои фазилатҳои баланди ахлоқӣ, ба Ватану халқи худ содиқ вазифаи муқаддаси ҳамаи мост. Ҳамаи инро ба назар гирифта, дар «Хонаҳои меҳрубонӣ» ва мактаб-интернатҳои махсус низоми нави баланд бардоштани самаранокии корҳои таълиму тарбия, инчунин ба рӯи об баровардани орзуву саъю кӯшиши тарбиягирандагони чунин муассисаҳо — **«Дафтари меҳр»**-ро ҷорӣ менамоем.

Ба ғайр аз ин, тартиби бо манзил таъмин кардани бачаҳои ятим ва бепарастор муқаррар карда шудааст. Ба ин гуна кӯдакон, ки манзили барояшон вобастакардашуда надоранд ва ҳамчун ба манзил эҳтиёҷманд дар ҳисоб меистанд, дар расидан ба 18-солагӣ хонаҳои якхуҷрагӣ бо масоҳати на камтар аз 25 метри мураббаъ ҷудо карда мешавад, дар ҳолати байни шахсони болиғи ин тоифа вуҷуд доштани ақди никоҳ, ба онҳо хонаи 2-ҳуҷрагӣ бо масоҳати умумии на камтар аз 50 метри мураббаъ ҷудо карда мешавад.

***Ба фикрам, ҳамаи ин ислоҳоти ба иҷтимоиёт нигарондашуда бо саъю кӯшиши неки халқамон ҳамоҳанг мебошанд, ки онҳо чунин фазилатҳои инсонӣ, ба мисли меҳру оқибат, саховатмандии самимона ва ғамхорӣ ба наздиконро баланд қадр мекунанд. Дар ин робита кас беихтиёр суханони шоири бузург Алишер Навоиро ба ёд меорад: «Дилеро ба даст овардан баробари обод кардани Каъба аст».***

Новобаста аз он ки ман ба кадом шаҳр ё деҳаи Ватанамон ташриф меорам, ҳамеша бо ҷавонон вомехўрам. Дар сӯҳбати ошкоро ва самимӣ ман ба саломатӣ, таҳсил, орзуву умедҳо, шароите, ки дар деҳаву маҳаллаҳои онҳо фароҳам оварда шудаанд, таваҷҷӯҳ менамоям.

Меъёрҳо ва параметрҳои зиёде барои арзёбии рушди кишварҳо ва халқҳо мавҷуданд. Аммо барои ман муҳимтарин меъёр камолот ва хушбахтии ҷавонони мост.

**Нафас, суръат ва шиддати Ўзбекистони навро ман қабл аз ҳама дар азму шуҷоат, фикру пешниҳодоти далерона ва комёбиҳои ба даст овардаи писарону духтаронамон мебинам.**

Ба наздикӣ **30 июн, дар Рӯзи ҷавонон**, вақте бо намояндагони насли ҷавон бори дигар вохўрдам, аз ҷустуҷӯҳои онҳо дар соҳаҳои гуногун воқиф гардида, хеле шод гаштам.

Боварии комил дорам, халқу давлате, ки фарзандонаш доимо дар талошу ҷустуҷӯянд, ба сӯйи марраҳои баланд ҳаракат доранд, ба мақсадҳои дар пеш гузоштааш, албатта, мерасад. Зеро, чунин ҳаракатҳо фардо ба мавҷҳои муқтадир табдил ёфта, ҳаёти имрӯзу фардоямонро обод мекунад, ба баландшавии сатҳи шууру тафаккурамон мусоидат менамояд.

***Савол.*** *Дар мамлакатамон солҳои охир вақте сухан аз пешрафтҳо дар боби таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон меравад, дар навбати аввал корҳои васеъмиқёсе ба забон гирифта мешаванд, ки доир ба хондан, дониш гирифтан, меҳнат кардан, ҳифзи тандурустӣ, ба рӯйи об баровардани тавону истеъдоди занону духтарон, ҳифзи модару кӯдак, баробарии гендерӣ ба амал татбиқ мешаванд. Сабаби ин чист?*

**Ҷавоб.** Сабаби ин, албатта, одист. Зеро, дар дунё дараҷаи тараққиёт ва маданияти ҳар гуна халқу давлатро муносибат ба занону духтарон муайян менамояд.

**Зан агар бошад, ҳисори муқаддасе бо номи оила, неъмати бебаҳое чун фарзанд вуҷуд дорад. Агар занонамон хушбахт бошанд, оилаю ҷамъиятамон низ хушбахт мешавад.**

**Занону духтарон дар ҳамаи ҷабҳаю соҳаҳо бо мардон баробарҳуқуқанд, дар мамлакате, ки онҳо бо ҳурмату эҳтироми зиёд ба сар мебаранд, албатта, сулҳу осоиш, рушду тараққиёт хоҳад шуд.**

Ин аст, ки халқи мо аз азал ба зане, ки тимсоли Модар аст, арҷ мегузорад.

Зоти муҳтараме, ки тӯли асрҳо дар дили одамизода ҳисси меҳрро ҷо карда, ӯро дар рӯҳи зебоипарастӣ, садоқату вафо тарбия мекунад, низ модарони моянд.

Дар ин ҳаёт тамому пешрафту комёбиҳои мо ба туфайли модарони мунису ғамхори мост. Биноан, мо ҳамеша дар назди занону духтаронамон бо ҳисси қарздорӣ ба сар мебарем. Ба онҳо ҳар қадар меҳрубонӣ кунем ва эътибор диҳем, меарзад.

Қариб ними аҳолии кишварамонро модарону хоҳарони азиз ташкил медиҳанд. Мо дар пиёда кардани сиёсати давлатӣ доир ба таъмини манфиат ва ҳуқуқи қонунии онҳо, баланд бардоштани нуфузу ҷойгоҳашон дар ҷамъият, такя ба чунин арзишҳо мекунем.

Солҳои охир, дар ин росто 24 ҳуҷҷат, аз ҷумла, 2 қонун, 6 фармон ва қарори Президент, 16 қарори Девони Вазирон қабул гардид, ки ифодагари эътибору ғамхорӣ ба хоҳарбузургу хоҳарони моянд.

Занони муҳтарами мо дар ҳамаи ҷабҳаю соҳаҳои ҳаёт фаъол ширкат ҷуста, ба барпо намудани Ўзбекистони нав саҳми беназир мегузоранд. Ҳамаамон хуб медонем, ки дар байни онҳо депутат ва сенаторон, вазиру ҳокимон, Қаҳрамонони Ўзбекистон, омӯзгорони халқӣ, шоирони мардумӣ, артистони халқӣ ҳастанд.

Имрӯз дар мамлакатамон сохторҳое, ба мисли Комиссия оиди баробарии гендерӣ, Кумитаи масъалаи занону духтарон ва баробарии гендерии Сенати Олий Маҷлис бобати ҳифзи манфиатҳои хоҳарбузургу хоҳаронамон, нақши муҳим доранд.

Дар мамлакатамон ба масъалаҳои таъмини занону духтарон бо ҷойи корӣ, манзили зист, беҳсозии сифати хидматрасонии тиббӣ ба онҳо аҳамияти алоҳида дода мешавад. Дар ин росто созмон додани марказҳои бозомӯзии касбу ҳунар барои занон, татбиқи барномаи хонаву ҷойи арзон аҳамияти муҳим касб менамояд. Ҳар сол бадалҳои ибтидоии манзили зисти занони шароити зиндагиашон вазнин аз ҳисоби буҷаи давлатӣ пардохта мешавад.

Хоҳарбузургу хоҳароне, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъоланд, дар соҳаҳои гуногун дастовардҳое доранд, дар тарбияи насли солиму комил саҳм мегузоранд, ба муносибати 8 март — Рӯзи байналхалқии занону духтарон, Рӯзи истиқлол ва ҷашнҳои гуногуни касбӣ бо мукофотҳои олии давлатамон, ҳамчунин, **нишони сарисинагии «Мўътабар аёл»** сарфароз гардонда мешаванд.

Теъдоди духтароне, ки бо мукофоти давлатии ба номи Зулфия мукофотонида шудаанд, ба 374 нафар расидааст. Ин мукофот низ ба рағбатноксозии онҳо нигаронда шудааст.

Тавре, ки дар боло таъкид намудем, бино ба сохтори «Дафтари занон» доир ба коҳиш додани камбағалӣ ва хотима додани бекорӣ дар байни занон пайгирона чораҳо андешида мешаванд.

***Савол.*** *Дар кишварамон ба вакилони насли бузургсол, файзу фариштаи хонадонҳоямон — собиқадорони муҳтарам ғамхории алоҳида зоҳир карда мешавад. Фикри шуморо бобати идомаи ин амалҳои нек донистан мехостам.*

**Ҷавоб.** Ман ҳар боре ки аз ҳаёти тинҷу осуда ва озоду фаровон меандешам, бо шукру сипос намояндагони чанд наслро пеши назарам меорам, ки то ба ин рӯзҳои рӯшан расидан бурдборона меҳнат кардаанд, бо таҳаммули кӯҳвор имтиҳон ва машаққатҳои ҳаётро пушти сар гузоштаанд. Бо вуҷуди душвориҳои зиёд моро то ба ин рӯзҳои рӯшан расонданд. Ин иқдоми онҳо бо ҳеҷ чиз чен карда намешавад. Ин ҷасорат, фидокорӣ ва қаҳрамонист. Биноан, аҷдоди марду олиҷаноби гузаштаамонро бо қадршиносӣ ва ҳурмату эҳтироми зиёд ёд кардан, арҷ гузоштан ба собиқадорони муҳтараме, ки дар қайди ҳаётанд, қарзи муқаддаси мост.

Аз ҳама муҳимаш, ин гуна корҳои савоби мо барои ҷавононамон ҳам ба мактаби тарбия ва ибрат табдил меёбад.

Албатта, ба шумо, журналистон хуб маълум – дар кишварамон барои дастгирии намояндагони авлоди куҳансол, мазмуннок умр гузаронидани онҳо бобати офаридани шароитҳои зарурӣ корҳои зиёд карда мешаванд. Хусусан, душворӣ ва муаммоҳо вобаста ба расмигардонии пенсия ва нафақаҳо, дар вақташ пардохтани онҳо, истифода аз хидматҳои гуногуни иҷтимоӣ бартараф гардиданд. Падар ва модарони куҳансоламон, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекунанд, аз ҷониби бунёди “Нуронӣ” аз нигоҳи моддӣ ва маънавӣ рағбатонида мешаванд.

Ҳифзи солимии авлоди куҳансол, барои ба санатория ва хонаҳои истироҳат воқеъ дар ҷумҳуриамон рафтанашон додани роҳхатҳои имтиёзнок, табрик сохтани онҳо дар рӯзҳои ид, ҳамеша иззату ҳурмат намудани мӯйсафедон ба анъанаи нек табдил ёфтааст.

Такроран мегӯям, дар назди ин хел инсонҳо, ки дар вақташ тамоми қуввату ғайрат, дониш ва салоҳияташонро ба равнақи Ватан, фаровонии халқ бахшидаанд, мо як умр қарздорем. Барои боз ҳам файзнок гардондани ҳаёти нуроние́ни муҳтарамамон, барои бо таҷрибаи бой ва маслиҳатҳои худ дар ҳаёти иҷтимоиамон, хусусан, тарбияи ҷавонони Ўзбекистони нав боз ҳам фаъолтар иштирок карданашон имкониятҳои иловагӣ меофарем.

Ин масъалаҳоро алоҳида таъкид карда гузаштанам беҳуда нест, албатта.

Модоме мо дар ҷараёни барпо кардани Ўзбекистони нав розӣ кардани халқи худро наздамон вазифа гузоштаем, инро дар ҳаёти худ ҳис кардани ҳар як аъзои ҷамъиятамон барои мо бағоят муҳим аст.

Дар ин рӯзҳо дар тамоми қаламрави мамлакатамон баргузор шуда истодани воҳӯрӣ миёни се авлод, дар онҳо фаъолона иштирок кардани нуроние́ни муҳтарамамон, аз таҷрибаҳои ҳаётию меҳнатӣ, аҳамият ва қадру қиммати осудагӣ ва рӯзҳои равшани имрӯза фикр баён кардани онҳо барои ҷавононамон чун мактаби воқеии тарбия хидмат менамояд.

***Савол.*** *Дар арафаи иди аз ҳама бузург ва аз ҳама азиз – ҷашни истиқлолият дар саҳифаҳои рӯзномаамон ҳамватанонамон, ки намояндагони касбу кори гуногунанд, орзуву ниятҳои худро баён менамоянд. Шумо аз рӯзҳои аввали ба истиқлолият даст ёфтани Ватанамон ҳамчун роҳбаре, ки дар ҷараёнҳои барпои давлат ва ҷамъияти нав фаъолона иштирок кардааст, дар рӯзҳои мо бошад, ҳамчун ташаббускори консепсияи Ўзбекистони нав ва пешвои миллие, ки дар роҳи ба амал баровардани он халқи моро ҷасурона ба пеш мебарад, ба сифати Президент ба муносибати ин ид ба халқи мо чӣ ният ва дархостҳо баён кардан мехостед?*

**Ҷавоб.** Албатта, ба муносибати 30-солагии истиқлолияти мамлакатамон мо оиди тамоми соҳа ва сохторҳо ҷамъбасти тараққиётамонро амиқ сарҳисоб намуда, нақшаҳои ояндаамонро боз ҳам аниқтар муайян менамоем.

Хусусан, дар диёрамон таъмин кардани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии ҳар як инсон, ноил шудан ба боз ҳам озод ва фаровон зиндагӣ кардани халқамон баъд аз ин ҳам мақсади асосии мо шуда мемонад.

Бузургтарин мақсади ман, ки ба сифати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон маъною мазмуни фаъолиятамро ташкил менамояд – дар роҳи ба амал баровардани орзу-умедҳои халқи мо, ки мехоҳад тинҷ ва осоишта, озод ва фаровон ҳаёт ба сар барад, аз садқи дил фидокорона хидмат кардан иборат мебошад.

**Дар назди халқу диёрамон, ки ба ҳамаамон ризқу насиба дода, дар оғӯши меҳр парвардааст, мо ҳамеша қарздорем. Ноил шудан ба ризоияти халқи азиз ва муҳтарами мо – бароямон бузургтарин саодат мебошад. Зеро халқ аз мо розӣ бошад, Офаридгор низ розӣ мешавад.**

Ба амал баровардани ҳамин гуна корҳои бузург, ки чи қадар аҷдодамон орзуву ният карда гузаштаанд, модоме ба мо насиб кардааст, ин ба ҳар як ҳамватанамон, ки худшиносиро дарк кардааст, магар бахт ва шарафи воқеӣ нест?

**Бовариам комил, мо меҳри бепоён ва садоқатамонро нисбати ин Ватани ҷоноҷон ливои муқаддас намуда, тамоми дониш ва таҷрибаамон, ақл ва заковатамонро ба кор андохта, ягона халқ, ягона миллат шуда, ба мақсадҳои накӯи худ, албатта, мерасем.**

**Ўзбекистони нав дар майдони ҷаҳон ба мамлакате табдил меёбад, ки ба салоҳияти пурзӯр, обрӯю эътибори муносиб молик буда, ҳарҷониба обод ва фаровон аст.**

Ман ба ин нафақат бовар мекунам, балки дар ин роҳ баҳри сафарбар сохтани тамоми дониш ва таҷрибаам, қувваю ғайратам ҳамеша тайёрам. Тамоми ҳамдиёронамонро ба ҳамин гуна сафи бузург – қарор гирифтанашон дар қатори бунёдкорони Ўзбекистони нав даъват менамоям.

Аз имконияти имрӯза истифода карда, халқи бисёрмиллатамонро ба наздикоии Иди истиқлолият аз самими қалб муборакбод менамоям.

Ба ҳар як хонадон, ба ҳар ҳамватанамон тинҷӣ-хотирҷамъӣ, файзу баракат, бахту саодат доимо ёр буданашро орзу менамоям.

# СОҲИБКОРОН — БУНЁДКОРОНИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Ба ин соҳа панҷ сол пеш аз ин эътибор дода намешуд. Самимона мехоҳам бигӯям: ман ҳамеша мехостам барои соҳибкорон шароит фароҳам оварам. Аммо кӯшишҳо, вақте ки ман дар вилоятҳо ҳоким будам ва ҳатто вазифаи Сарвазириро соҳиб будам, натиҷа намебахшиданд. Ин — ҳақиқат. Аз ин рӯ, мо ин гуфтугӯро ташкил намудем. Бигузор соҳибкорон эҳсос намоянд, ки онҳо такягоҳи Ўзбекистони нав мебошанд. Зимни омодагӣ ба ин гуфтугӯи ошкоро мо дидем, ки аз онҳо бисёр ташаббус зоҳир гаштааст. Ин ташаббусҳо барои Президент хеле муҳиманд. Бечуну чаро мо кори зиёдро анҷом додем ва ин ҳануз аввали кор аст. Мо дар пеш кори зиёд дорем, то ки соҳибкорон дар шароити Ўзбекистон озодона меҳнат кунанд. Агар мо қаноатмандии аҳолиро аз ҳаёт таъмин намудан хоҳем, пас мо ёвари соҳибкорон гардида, ба қонунгузорӣ тағйироти зарурӣ дохил намоем, – гуфт Шавакат Мирзиёев.

Президент дар суханронии худ 7 самти муҳими ҳалли мушкилотеро, ки соҳибкоронро ба изтироб меоранд, нишон дод. Самти аввал ба маблағгузории тиҷорат, дуюм — такмил додани низоми андозбандӣ ва кам кардани сарбории андоз ба тиҷорат, сеюм ба такмили тартиби додани замин, чорум — рушди инфрасохтор, панҷум — дастгирии корхонаҳои содиркунанда, шашум — бахши нақлиёт ва логистика, ҳафтум — содда кардани расмиёти пеш бурдани тиҷорат taаллуқ доранд.

Сарвари давлатамон бинобар ҳар як самт вазифаҳои ҷориро муайян намуда, ташаббусҳои нав пеш гузошт.

Масалан, 40 фоизи муроҷиатҳо ба маблағгузории тиҷорат ва масъалаҳои молиявию кредитӣ марбутанд. Аз ҷумла, таъкид шуд, ки бисёре аз қарзҳо бо фоизи баланд ва ба муддати кӯтоҳ, бо шартҳое, ки барои соҳибкор номусоид аст, дода мешаванд. Ҳамчунин, қарзҳо бо асъори хориҷӣ аз ҳисоби болоравии қурб барои соҳибкор хароҷоти иловагӣ эҷод мекунанд.

Ба ин муносибат оид ба баланд бардоштани сармояи бонкҳо чораҳо муайян карда шуданд. Аз ҷумла, соли оянда бонкҳо аз Фонди таҷдид ва рушди дар асоси тамоюлҳои бозоргонӣ 600 миллион доллари иловагӣ мегиранд. Дар бозорҳои байналмилалии молиявӣ дар асъори миллӣ ба маблағи 5 триллион сӯм евробондҳо ҷойгир карда мешаванд. Барои ворид шудан ба бозори Ўзбекистон барои бонкҳои хориҷӣ имкониятҳои васеъ фароҳам хоҳанд омад.

Боз як навовариҳои муҳим ҷорӣ намудани низоми қарздиҳӣ ба соҳибкорон бо сӯм новобаста аз асъоре, ки бонкҳо бо онҳо захираҳоро ҷалб мекунанд, хоҳад буд. Барои ин дар назди Вазорати молия ширкати идоракунии хавфҳои асъорӣ бо филиалҳо дар минтақаҳо таъсис дода мешавад.

Дар давоми се соли охир шумораи андозҳо аз 16 то 9 кам карда шуд. То ба наздикӣ бадалҳо ба фондҳои нафақа, мактаб ва роҳ ба андозаи 3,2 фоиз пардохт карда мешуданд, ки ин барои соҳибкорон бори гарон буд. Ин пардохтҳо новобаста аз фоида аз гардиш тарҳ карда мешуданд ва андозаи онҳо ҳадди ақалл 25-30 фоизи фоидаи корхонаҳоро ташкил медод. Меъёри андози амвол, андози даромад ва андози иҷтимоӣ 2 маротиба кам карда шуд.

Президент қайд намуд, ки дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзҳои иловагӣ фароҳам оварда мешаванд.

Аз ҷумла, ба соҳибкороне, ки то қабули Қонун «Дар бораи минтақаҳои махсус» дар моҳи феврали соли 2020 дар минтақаҳои иқтисодӣ ба қайд гирифта шудаанд, имтиёзҳои ба онҳо додашуда нигоҳ дошта мешаванд.

Тартиби баргардонидани маблағи барои арзиши иловагӣ зиёдатӣ пардохташуда ба иштирокчиёни минтақаҳои махсуси иқтисодӣ дар давоми 7 рӯз ҷорӣ карда мешавад. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки сармояи кории худро зиёд кунанд.

Илова бар ин, ҳангоми пардохти андози арзиши иловагӣ бо мухлатдиҳӣ ба 120 рӯз ба соҳибкорон фоиз ҳисоб карда ва гарав талаб карда намешавад.

Меъёри андози истифодаи сарватҳои зеризаминӣ барои корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмон 2 маротиба кам карда мешавад.

Сарвари давлат аҳамияти дастгирии соҳаи хизматрасониро дар шароити пандемия таъкид карда, супориш дод, ки имтиёзҳои ба онҳо соли гузашта додашуда дароз карда шавад. То охири сол муассисаҳои хӯроки умумӣ аз пардохти андози замин ва амвол, ширкатҳои сайёҳӣ ва меҳмонхонаҳо аз боҷи туристӣ ба мӯҳлати 2 сол озод карда шаванд.

Тибқи тартиби мавҷуда, соҳибкорон дар баробари ҳисоботдиҳӣ вазифадоранд, ки барои ситонидани фарқияти андози арзиши иловагӣ ба мақомоти андоз алоҳида муроҷиат кунанд. Ин ба 14 ҳазор соҳибкор дахл дорад, чунин тартиб боиси зоеъ рафтани вақту маблағи онҳо мешуд.

Аз ин рӯ, ба шахсони масъул супориш дода шуд, ки аз соли оянда тартиби баргардонидани андози арзиши иловагиро бидуни ҳуҷҷатҳои иловагӣ ҷорӣ кунанд.

Мушкили дигаре, ки соҳибкоронро ба ташвиш меорад, тақсими замин аст. Ба ин муносибат ба номи Президент зиёда аз 4 ҳазор муроҷиат расид.

16 августи соли ҷорӣ Қонун «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба баъзе ҳуҷҷатҳои қонунгузории Ҷумҳурии Ўзбекистон ба муносибати такомули тартиби додани қитъаҳои замин ва истифодаи онҳо, инчунин низоми ҳисоби замин ва пеш бурдани кадастри давлатии замин» қабул шуд. Бо ин барои ба муомилоти иқтисодӣ баровардани замин, ба объекти хариду фурӯш ва гарав табдил додани замин заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуд.

Аз ин пас заминҳои хоҷагии қишлоқ бо шарти озмуни кушод танҳо ба иҷора дода мешавад. Заминҳои ғайрикишоварзӣ фақат аз тариқи аукцион фурӯхта мешавад.

Табиист, ки бисёр соҳибкоронро тақдири қитъаҳои замин, ки дар он тиҷорати худро ба роҳ андохтаанд, нигарон месозад.

Президент таъкид кард, ки қитъаҳои замине, ки ҳоло корхонаҳо банд кардаанд, барои онҳо чун мулки хусусӣ номнавис мегардад.

Ба таъмини воҳидҳои соҳибкорӣ бо инфрасохтор эътибори алоҳида нигаронда шуд. Таъкид гардид, ки аз 1 январи соли оянда давлат пурра барои гузарондани шабакаи электр, газ, таъмини об ва инфрасохтори роҳ барои лоиҳаҳои қиматашон 200 миллиард сӯм ҷавобгӯ хоҳад гардид. Имрӯз ин тартиб фақат барои лоиҳаҳои сармоягузорони хориҷӣ ба миқдори беш аз 50 миллион доллар татбиқ мегардад.

Ғайр аз ин дар ду соли наздик дар тамоми мамлакат боз 200 минтақаи саноатӣ ба вуҷуд оварда мешавад, ки онҳоро давлат бо коммуникатсияи муҳандисӣ ва инфрасохтори роҳ таъмин менамояд. Ба ин мақсад соли оянда аз буҷа ду триллион сӯм маблағ ҷудо хоҳад гардид.

Дигар мушкилоте, ки аз он соҳибкорон шикоят менамоянд, аз он иборат аст, ки барои корхонаҳои хурд барои пайвастан ба шабакаҳои электр мисли корхонаҳои бузург талаб гузошта мешавад.

Бинобар ин аз аввали соли оянда низоми муносиб - пайвастан ба шабакаҳои электр пурра аз тариқи пойгоҳи электронӣ роҳандозӣ шуда, тамоми ҷараён ба ҳам муттаҳид карда мешавад. Муддати пайвастани соҳибкорон ба шабакаи электр барои иқтидори то 20 киловатт дар зарфи даҳ рӯз, барои иқтидори то 50 киловатт 20 рӯз муқаррар карда мешавад. Агар корхонаи таъминоти барқ дар муддаташ корро анҷом надиҳад, он ба соҳибкор ҷубронпулӣ мепардозад.

Роҳбари давлат дар заминаи дастгирии корхонаҳои содиркунанда ва ҷалби тиҷорати хурд ба фаъолияти содиротӣ чандин ташаббусро изҳор намуд.

Барои мисол, соли гузашта дар замони пандемия барои корхонаҳои бофандагӣ тартиби бозгардондани арзиши изофа бидуни интизор шудани воридоти асъор аз содирот ҷорӣ карда шуда буд. Аз ин пас ин тартиб нисбати содиркунандагони поквичдон ва бо тартиби тамоми соҳаҳо татбиқ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, корхонаҳое, ки дар тӯли як сол ба миқдори 20 миллион доллар маҳсулот содир менамоянд, кредити имтиёзнокро ба миқдори то 5 миллион доллар метавонанд соҳиб гарданд.

Таъкид шуд, ки имрӯз барои ворид намудани баъзе намудҳои ашёи хом молиёти зиёди гумрук муқаррар карда шудааст. Дар натиҷа аз истеҳсол намудан маҳсулотро ворид кардан арзонтар меафтад.

Бинобар ин ба ҳукумат паст намудани ставкаи молиёти воридот барои ашёи хом ва полуфабрикатҳо супурда шуд.

Инчунин, ба масъалаҳои инкишофи хидмати нақлиёту логистика, сабук намудани молкашонии соҳибкорон дахл карда шуд. Муайян карда шуд, ки имтиёзот барои ворид намудани автомобилҳои боркаш ва вагонҳои роҳи оҳан боз барои се сол дароз карда мешавад.

Вобаста ба коҳиш додани мудохила ба фаъолияти тиҷоратӣ ва сабук намудани ҷараёни ба даст овардани субсид бисёр супоришҳо дода шуд.

Зимни мулоқот соҳибкорони ҳамаи минтақаҳо дар бобати мушкилот сухан ба миён оварданд ва пешниҳодоти худро баён намуданд. Ҳар як ҳолат бо иштироки шахсони масъул ва ҳокимон муҳокима гардид.

Президент пешниҳод кард, ки чунин гуфтугӯҳои кушод анъанавӣ гардида, дар мамлакат 20 август Рӯзи соҳибкорон муқаррар карда шавад. Ин пешниҳод аз ҷониби иштирокдорон васеъ дастгирӣ гардид.

**ЎзА.**

*Акси садо*

***Ман дар хонаи меҳрубонӣ ба воя расидаам. Ҳоло дар Донишгоҳи ҳуқуқшиносӣ машғули таҳсил мебошам. Инчунин ба хабарнигорӣ иштиёқи баланд дорам. Барои ҳамин пешаи блогнависиро низ ихтиёр кардаам ва дар мавзӯъҳои гуногун хабару мақолаҳо менависам. Бо дӯстонам як роёнаи интернетӣ низ боз кардаем, ки матолиби он мавриди таваҷҷӯҳи муштариёни зиёд қарор гирифтааст. Аз тариқи он сиёсати Президентро тарғиб менамоем ва камбудиҳоро ошкор месозем.***

# БАРДОШТҲОИ МАН АЗ МУСОҲИБАИ ПРЕЗИДЕНТ...

Мусоҳибаи Президент бо рӯзномаи “Янги Ўзбекистон” саропо қобили таваҷҷӯҳ мебошад ва он ҳамаи ҷанбаҳои сиёсати дохилӣ ва берунаи мамлакатамонро дар худ фаро гирифтааст. Дар хусуси он аллакай сиёсатмадорон, олимону адибон, коршиносон ва кормандони соҳаҳои гуногун вокуниш нишон додаву медиҳанд. Бо вуҷуди он ки ҳанӯз ҷавон ҳастам, ҷуръат намудам, ки доир ба баъзе нукоти мусоҳиба фикрҳоямро баён кунам.

Шавкат Миромонович зимни суҳбат гуфтааст, ки ҳар як миллат, ҳар халқе, ки дар назди худ бунёд намудани ҷомеаи одилона, зиндагии озод ва шукуфонро дар кишвари худ ҳадаф қарор медиҳад, роҳи душвор ва пурпечутобро тай мекунад.

Дарвоқеъ, чунин аст. Мо, ҷавонон барои бунёди кишвари пешрафтаву муваффақ бояд дар паҳлӯи сарвари давлатамон қарор дошта бошем. Зеро тамоми талошҳои Президент барои бунёди ҷомеаи демокративу озод равона шудааст. Ҳоло дар кишварамон ислоҳоти доманфарох пиёда мешавад, ки дар меҳвари он беҳбуди ҳаёти мардум, аз ҷумла ҷавонон қарор гирифтааст.

Чунин гуфтаҳои сарвари давлатамон таваҷҷӯҳи маро ба худ ҷалб намуд: “Агар бигӯем, ки ғояи «Ўзбекистони нав», ки дар зеҳн ва қалби ҳамватанон ҷойгоҳи устувор гирифта, имрӯз ба як ҷунбиши миллӣ табдил ёфтааст, таҷассуми орзуҳову ормонҳои олимон ва мутафаккирони бузурги мост, ки ба давраи Эҳёи якум ва дуюм дар ин сарзамини бостонӣ асос гузоштаанд, ҳаргиз хато нахоҳад буд”.

Тавре ки Президент дар мусоҳиба зикр намудааст, бунёди Ўзбекистони нав ин танҳо хоҳиши субъективӣ нест, балки зарурати объективист, ки дорои пояҳои бунёдии таърихӣ мебошад. Барои ҳамин дар мамлакатамон барои бунёди он тамоми шароити созгор фароҳам оварда шудааст, ки манфиатҳои миллии халқамонро мунъакис месозад.

Яке аз афзалиятнокии раванди ислоҳоти кунунӣ дар як ҷумла фаро хонда шудааст: «Мардум ба идораҳои давлатӣ не, идораҳои давлатӣ бояд ба мардум хидмат кунанд». Маҳз ҳамин шиори сарвари давлат буд, ки роҳбарони идораҳои болову пастро ба ҳушёрӣ водор намуд ва мавқеи онҳоро дар баробари хидмат ба мардум куллан тағйир дод.

Дар ҷои дигар Президент боз як нуктаи муҳимро ба забон овард, ки эътимод ва боварии ман ва ҷавононро зиёдро ба зиндагии имрӯза ва фардои дурахшон боз бештар афзуд. Вай гуфт: “Ман комилан дурӯғ ва намоиш доданро таҳаммул намекунам. Ин маънои зиндагии ман аст. Ман масъулияти сарнавишти миллионҳо одамонро ба ӯҳда гирифтаам. Сазовор шудан ба эътимоди баланди мардум, фароҳам овардани шароити муносиб барои онҳо маънӣ ва мақсади зиндагии ман аст”.

Оё қаблан чунин ҳарфҳоро мардум шунидааст? Оё воқеъият нест, ки сарвари давлат моро эътимоду боварӣ бахшидааст, то ки орому осуда машғули таҳсил ва кору зиндагии худ бошем? Ман тарафдори он ҳастам, ки ин суханҳои Президент бо ҳуруфи калон дар кӯчаву хиёбонҳо навиштаву тарғиб карда шаванд.

**Шермуҳаммад ДЕҲҚОНОВ,**
**ҳуқуқшинос-блогнавис.**
*Шаҳри ФАРҒОНА.*

*Табиат мекунад моро табобат*

# МО БОЯД МАДАНИЯТИ ХӮРОКХӮРИРО ОМӮЗЕМ!

***ё худ тартиби рӯзи бачаҳоро чӣ гуна бояд ташкил кард?***

Яке аз омилҳои солим ба воя расидан ва донишазхудкунӣ истеъмоли таоми босифат аст. Хонандагон, абитуриенту донишҷӯён, умуман, касоне, ки бо фаъолияти ақлӣ сарукор доранд, бояд ба тартиби хӯрокхӯрӣ риоя намоянд. Ман инро дар худам санҷидам ва хостам донишу таҷрибаи андӯхтаамро бо дигарон баҳам бинам. Одат кардан ба хӯрокхӯрӣ дар як вақти муайян ва истироҳати ҳамарӯза, ки ба ҳазми таом кӯмаки аввалиндараҷа мерасонад, хеле зарур аст.

Маданияти хӯрокхӯрӣ асосан аз нонуштаи пагоҳӣ, таоми серғизои нисфирӯзӣ ва хӯроки сабуки шом иборат мебошад.

Ҳоло шоҳиди он мегардем, ки ҷавонон лаваш, гамбургер, чизбургер ва хотдог барин хӯрокҳои зудомодашавандаеро, ки аз чӣ гуна гӯшт омода шуданашон маълум нест, истеъмол мекунанд.

Азбаски чунин хӯрокворихо дар кӯча, бозор ва истгоҳҳо зери чангу ғубору дуд омода мешаванд, нисбат ба фоида зарарашон зиёд аст. Масалан, чипсҳои картошка аз углевод, равған ва воситаҳое, ки мазаи сунъӣ медиҳанд, омода мешавад, ё сосис, сардил, колбаса, паштетҳо маҳсулотеанд, ки «равғани рустӣ» доранд. Чил фоизи маҳсулоти мазкур аз равғани чарбу иборат аст. Онҳоро бо зираворе мепӯшонанд, ки тамъи гӯштро медиҳанд.

Барои солимии бачаи мактабхон асалчой хеле фоидабахш аст. Барои ин дар наҳор ба ӯ бояд ним соат пеш аз нонушта 30-50 гр. асали ба оби ширгарм омехташударо нӯшонд. Асалчой то вақти нонушта ба танаи бача паҳн шуда, ба ӯ нерӯ мебахшад.

Равғани зайтун ва творог низ хеле фоидабахш аст. Ҷойи онро ягон маҳсулот намегирад. Истеъмоли ангури навъи кишмиш, писта, бодом, чормағз, нони хушк, дӯлоначой барои нонушта фоидабахш аст. Ин навъи меваҳо ба чашм ва мағзи сари инсон ғизоҳои асосиро мерасонанд. Истеъмоли чормағз шамолхӯрии мағзи сари инсонро, ки ба дигар ҳамаи узвҳо «супориш» медиҳад, бартараф мекунад ва гардиши хунро дар он беҳтар мегардонад.

Бодом ғизои мушакҳо буда, ҳолати гардиши хунро дар он беҳтар месозад. Писта бошад, ба фаъолияти ҷигар таъсири мусбат мерасонад, онро пурқувват мегардонад. Истеъмоли чунин маҳсулот дар охири моҳҳои тирамоҳ, зимистон ва баҳор, ки дар ин вақт норасоии витаминҳо ба организми инсон ба дараҷаи ҳисшаванда аст, хеле зарур мебошад.

Ба бачаҳо, хусусан, наврасон, хӯроки нисфирӯзии серғизо тавсия карда мешавад. Хусусан, барои онҳо омода кардани хӯрокҳои ғанӣ аз сафеда айни муддаост.

Бахусус, истеъмоли яхнии гов, ки манбаи калсий ба ҳисоб меравад, барои наврасон аз фоида холӣ нест.

Наврасон, ки организми онҳо дар рушду ривоҷ аст, бояд ба тартиби рӯз риоя намоянд.

Қоидаҳои асосии тартиби рӯзи бачаҳо ба тарзи зайл аст:

– ҳама рӯз дар як вақти муайян ба хоб рафтан ва аз хоб хестан;

– субҳ машғул шудан бо ҳаракатҳои ҷисмонӣ;

– истеъмоли хӯроки босифати чормаҳалӣ дар вақти муайян;

– сайр пеш аз хоб дар ҳавои тоза;

– дар вақти муайян машғул шудан бо мутолиаи китоб.

Бачаҳое, ки ба тартиби рӯз риоя менамоянд, тарзи ҳаёти солимро аз сар мегузаронанд.

**М. СОАТОВ,**
**дорушинос.**

# ВОХӮРИИ СЕ НАСЛ

**Маркази мадании шаҳри Бухоро намуди идона дошт. Ба муносибати 30-солагии истиқлолият дар ин ҷо вохӯрии се авлод – собиқадорони меҳнат, намояндагони авлоди миёнсол ва ҷавонон ба амал омад.**



Мувофиқи нақша аввал саёҳати нуроннён ба шаҳр сурат гирифт. Онҳо бо бунёдкориҳои маркази вилоят дар солҳои охир, мавзеъ ва гулгашту хиёбонҳои нав, аз ҷумла, бо Мактаби Президент, мономаркази «Марҳамат ба кор», кластери ресандагии пахтаи «BCT Cluster» шинос шуданд.

Чорабинии асосӣ бегоҳӣ дар маркази мадании «Бухорои кӯҳна ва боқӣ» ба амал омад.

Ҳокими вилоят Ботир Зарипов ҷамъомадагонро бо иди истиқлолияти мамлакат табрику муборакбод намуд. Вай дар бораи сарнавиштсоз будани мустақилӣ, комёбиҳои вилоят дар ин солҳо, хусусан ислоҳоту бунёдкориҳои панҷ соли охир бо факту рақамҳо ҳарф зад. Саҳми муносиби собиқадорони меҳнатро дар ин муваффақиятҳо ва меҳнати фидокоронаи авлоди миёнсол ва ояндаи мамлакат – ворисони муносиб будани ҷавононн имрӯзаро таъкид кард. Дар давоми тадбир намояндагони авлоди куҳансол Азим Латифов, Беҳбуд Ҷумъаев, Саидқул Оққиев, Малика Раҷабова, Рӯзигул Ҳаитова дар бораи душвориҳои рӯзгори гузаштаашон, имрӯз дар Ўзбекистони нав фароҳам оварда шудани имкониятҳои бемисли рушдёбӣ ва расидан ба қадри ин рӯзҳо изҳори ақида карданд. Ба чорабинӣ савту сурудҳои дилнишини санъаткорони вилоят сайқал бахшид.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

*Сафар дар Ватан*

# ОДАМОНИ АЗИЗИ «АЗИЗОН»

Дербоз ҳамкору ҳамроҳам пофишорӣ мекард, ки «биё ба Бухоро равем». Ман ҳар дафъа сафарро ба ин шаҳри шариф мавқуф гузошта фурсати муносиб меҷустам. Аммо ин дафъа қарори мо қатъӣ буд.

– Тобистони соли 2013 дар фароғатгоҳи «Чимён» истироҳат мекардем. Дидам, ки ду-се нафар дар хараки саҳни истироҳатгоҳ нишаста, бо забони тоҷикӣ байни ҳам гуфтугӯ доштанд. Оҳиста наздашон рафта пурсидам, ки шумо тоҷики куҷоед? – нақл мекунад ҳамроҳам Раҳимшоҳ Шарифзода. – Онҳо гуфтанд, ки аз Бухорои шарифанд. Се нафар бародаронанд…

Аз байн солҳо гузаштанд. Боре ҳангоми ба шаҳри Тошканд рафтан ин бародарон дар шаҳраки Гагарин (ноҳияи Мирзочӯли вилояти Ҷиззах) таваққуф намуда дӯсти худ – Раҳимшоҳро суроғ карданд.

Даме сари як пиёла чой сӯҳбат ороста кӯфтагии роҳро бароварданд ва боз роҳашонро идома доданд…

Инак, қариб ҳашт сол аст, ки онҳо мунтазири ба Бухоро омадани Раҳимшоҳанд.

Моро дар наздикии шаҳри Бухоро Саидака бо додараш Салим пешвоз гирифт.

– Мо дар қишлоқи Работи маҳаллаи «Азизон» (тобеи ноҳияи Рометан) умр ба сар мебарем, – раҳорах мефаҳмонад Саидака Қурбонов. – Деҳаи мо аз шаҳри Бухоро дар 25 километр дурӣ, дар қисми офтобшинами он воқеъ гаштааст. Аз наздикии деҳа шоҳроҳи «Бухоро–Газлӣ» мегузарад.

Сокинони қишлоқи Работ ва умуман маҳаллаи «Азизон» қариб ҳама тоҷиконанд. Мактаби ошёнадор аввалҳо ба ду забон: тоҷикию ўзбекӣ фаъолият мекард. Аммо солҳои охир якбора синфҳои тоҷикӣ барҳам ёфтанд. Ҳарчанд аҳолии маҳаллӣ ба тоҷикӣ ҳарф мезананд.

Саид Қурбонов умре аз паи ҳунари худ пайвандгарӣ нон хӯрд.

— Фақат ду-се соли охир ба ин кор даст назадам, – мегӯяд ӯ. – Охир синнам ҳам аз шаст гузашт.

Додаронаш Ҳайит, Салим, Садир бо тиҷорат машғуланд. Дӯконҳои тиҷоратии фурӯши қисмҳои эҳтиётӣ доранд. Дар қитъаи замини наздиҳавлӣ боғ барпо кардаанд. Аз ҷумла, дар 18 сотихи замин дарахтони анор, анҷир, ангур, зардолу, беҳӣ ва ғайра аллакай бор овардааст.



***Дар сурат: Саид Қурбонов** бо наберагонаш **Семану Сабина**.*

Онҳо моро ба зиёратгоҳҳои Бухорои Шариф бурданд. Зиёрати Ҳафт Пир таассуроти калон боқӣ гузошт. Мо дар сафари дурӯза бо ҳамин қабил одамони неки деҳаи Работи маҳаллаи «Азизон»-и ноҳияи Рометан ошно гардидем. Самимияту меҳмоннавозии онҳо намунаи ибрат аст.

**Анорбой НАЗАРОВ.**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

***Суратгир: Раҳимшоҳ ШАРИФЗОДА.***

Таҳлил, танқид, таклиф

# ТАБОБАТИ ХАЛҚӢ ВА ЗАМОНАВӢ – ДУ ШОХАИ ДАРАХТИ ОФИЯТ

***10 апрели соли 2020 қарори Президенти мамлакатамон "Дар бораи чораҳои иловагии рушди табобати мардумӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон" ба имзо расид. Бо шарофати он, гуфтан мумкин, табобати халқ, ки яке аз муҳимтарин шаклҳои саломатии аҳолӣ буда, аз сарчашмаҳои таърихи куҳан об хӯрдааст, дар кишвари мо ривоҷи тоза ёфт. Назари мардум нисбати он дигар гардид. Зиддият ва якдигарнофаҳмиҳо миёни сохторҳои саломатии назди Вазорати тандурустӣ ва табобати мардумӣ як дараҷа барҳам хӯрданд. Ба ҷои якдигарро танқид кардан ва пастзаниҳо тӯли як-якуним соли охир бо маслиҳат коркунӣ, ҳамдигарро дастгирисозии намояндагони тибби замонавию аҷдодӣ ба назар мерасад, ки ин басо хушоянд.***

Тавре дар қарор қайд гардида, ҷиҳати ба амал татбиқнамоии консепсияи рушди сохтори нигаҳдории тандурустии ҷумҳурӣ ва профилактикаи аҳолӣ аз бемориҳое, ки гузаранда нестанд, таъмини самаранокии кӯмаки тиббӣ дар доираи консепсияи дастгирии тарзи солими зиндагӣ ва баланд бардоштани дараҷаи фаъолнокии ҷисмонии аҳолӣ, ҷорӣ сохтани комёбиҳои фанни замонавӣ ва технологияҳои асрӣ дар тиббиёт корҳои васеъмиқёс ба амал бароварда шуданд.

Дар таъмини саломатии аҳолӣ, расонидани кӯмаки тиббӣ-санитарӣ, профилактика ва муолиҷаи бемориҳои давомнок табобати мардумӣ низ саҳми арзанда дорад. Вале наҳамеша хидматҳое, ки тибби мардумӣ дар ин самт кардааст, сазовор қадр ёфта ва беҳтарин таҷрибаҳое, ки тӯли солҳои зиёд андӯхта шудаанд, оммавӣ гардонида мешаванд. Боз ҳам такмил бахшидани механизмҳои баҳогузорӣ ба тибби мардумӣ – тақозои давр. Муттасил интегратсиясозии табобати мардумӣ ба сохтори тандурустӣ, айни замон, аз масъалаҳои муҳим.

Алъон дар як қатор кишварҳои дунё, минҷумла Чин, Ҷопон, Ветнам, Куриё, Малайзия ва ҳоказо ба табобати мардумӣ мақоми давлатӣ дода шудааст.

Созмони ҳифзи тандурустии ҷаҳон дар ҳузури СММ аз охирҳои садаи сипаришуда то рӯзҳои мо оиди амиқ омӯхтани табобати мардумӣ ва пеш бурдани тадқиқотҳои илмӣ дар ин самт якчанд қарор қабул намудааст. Зимнан, табобати мардумӣ беш аз панҷ ҳазор сол инҷониб дар роҳи беҳсозии солимии мардум хидмат менамояд. Ин тавр, ки ҳаст, мо аз усулҳои самараноки он бояд оқилона истифода намоем.

Мо, дар навбати аввал, ба комёбиҳои тибби замонавӣ такя мекунем, бемор, ки шудем, ба духтурҳо муроҷиат мекунем. Ин як ҳолати табиист. Ҷарроҳиҳои мураккаби чашм, қалб, системаи асаб ва ҳоказо маҳз дар беморхонаҳо гузаронда шуда дасти сабуки духтурон муъҷизавӣ ба назар метобад. Маҳз бо истифода аз комёбиҳои тибби замонавӣ, маҳорати баланди касбии шифокорон дар шуъбаҳои эҳё (реаниматсия) беморон дубора ба ҳаёт бармегарданд. Ҳабдору ва сӯзандору, усулҳои зиёди муолиҷа дар беморхонаҳо ба шифоёбӣ – аз дард фориғшавии беморон сабаб мегарданд, ки ин ба ҳама маълум.

Вале ҳабдоруҳои кимёвӣ, ки баъзеашон чун санг сахтанд, аз зарар низ холӣ не. Қабули зиёди онҳо организмро аз ҳол меравонад.

Мутафаккире фармуда: "Маҳз медитсинаи анъанаҳои табобати мардумиро дар худ муҷассамнамуда, яъне интегратсияшуда – медитсинаи истиқболнок".

Имрӯзҳо 50-80 фоизи аҳолии дунё баробари тиббиёти замонавӣ аз беҳтарин усулҳои табобати мардумӣ истифода менамояд.

Вақтҳои охир дар ҳаёти халқҳои бисёрмиллати Ӯзбекистон низ тибби халқӣ ё худ табобати мардумӣ, муолиҷа бо усулҳои табиӣ (натуралӣ) торафт мавқеи хосса пайдо менамояд. Фитотерапия (табобат бо рустаниҳо) дар амалиётҳои тиббӣ-илмӣ мақоми устувореро соҳиб мегардад.

Табиист, ки истифодаи "Дорухонаи табиат" дар рӯзгори кунуниамон эътибори тоза пайдо мекунад, аз ин рӯ зарурияти омӯхтану донистани табиат ва асрори олами рустаниҳо ба миён меояд ва бояд ҳамин тавр ҳам шавад, таъкид сохтааст рустанишинос Собитҷон Асқаров дар китоби худ "Рустаниҳои шифобахши Сӯх". Вай, айни замон, гӯшрас месозад, табибию табобат, тавре, ки баъзеҳо гумон мекунанд, кори саҳл нест. Зеро ҳангоми даст задан ба коре, ки ба ҳаёти инсон вобастагӣ дошта бошад, ниҳоят эҳтиёткор ва самимӣ буданро тақозо менамояд. Рустаниҳои шифобахш, зимнан, мувофиқи қонуни тибби қадим мизоҷи худро доранд. Бояд ба бемор ҳамон гиёҳи шифобахшеро тавсия кард, ки ба мизоҷи бемор мувофиқ бошад. Дигар, рустаниҳое, ки шифобахш мепиндорем, айни замон, заҳрдор буданашон мумкин. Аз ин рӯ табобати мардумӣ куллан бехавф гӯем, хато мекунем.

Пеш аз истифодаи рустаниҳои шифобахш гирифтани маслиҳати духтурон ва мутахассисон аз аҳамият холӣ нест. Ба табобати худсаронаю кӯр-кӯрона роҳ додан нашояд.

Баъзе касон ба табибҳо умуман бовар намекунанд, ҳатто аз болои касҳое, ки ба табибон муроҷиат кардаанд, механданд. "Ба духтур равед!" – маслиҳат медиҳанд онҳо. Тоифаи дигар, баръакс, ба табибон ва тибби мардумӣ ихлос доранд.

Дар масъалаи муолиҷа ҳар кас метавонад ба кас ё ҷои дилхоҳаш муроҷиат намояд. Дар Конститутсия асоситарин ҳуқуқҳои шаҳрвандони мо муайян карда шудаанд, аз ҷумла, дар моддаи 40-уми он "Ҳуқуқи ҳар як инсон дар истифодаи хидматҳои малаканоки тиббӣ" кафолатнок гардонда шудааст.

Ҳар як хидмате, ки ба аҳолӣ расонда мешавад, аз ҳама муҳимаш, бояд малаканок бошад. Ҳатмияти хушсифатии хидматҳо, тавре мебинем, дар ҳуҷҷатҳои қонунгузории амалкунанда алоҳида зикр ёфтааст.

Хуб мешуд ҳар гуна фаъолияте, ки ба муҳофизат ва барқарории саломатии инсон нигаронда шудааст, ҳатман аз ҷониби духтур ё табибҳои воқеӣ пеш бурда шавад. Вале ҳозор афсӯс, дар баъзе муассисаҳои тиббии мо духтурҳои чаласавод ёфт мешаванд. Ё худ табибони сохта низ хеле зиёд. Як зумра шахсҳое, ки диплом доранд ва дар муассисаҳои тиббӣ кор кардаанд, баъди баромадан ба нафақа ба табибӣ шуғл меварзанд. Ба ҳар ҳол онҳо аз нозукиҳои табобат то андозае хабардор, дар вақти диплом гирифтан мувофиқи моддаи 44-уми Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон қасамёд кардаанд, ки "Барои идома додани анъанаҳои башаъни Буқрот, Абӯалӣ ибни Сино барин табибони бузург тантанавор савганд ёд мекунам". Онҳо масъулияти шифокориро ҳис мекунанд...

Вале боз мегӯянд, табиб бояд модарзод бошад. Вақте Худо истеъдоди табибӣ ато накард, ягон диплом ба ҳақиқӣ будани он табиб кафолат дода наметавонад.

Айни замон дар рӯзгори мо нафароне ҳам, ки истеъдоди модарзод дошта, дар муассисаҳои тиббӣ таҳсил гирифта, ҳам аз асрори табобати халқӣ ва ҳам тибби замонавӣ воқифанд, табибӣ мекунанд ва байни халқ чун табиби ҳақиқӣ маълум ва машҳуранд. Масалан, аз ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона –Ҳаёттабиб ва Наҷмиддинтабиб, аз ноҳияи Уйчии вилояти Намангон – Мансурхонтабиб ва ҳоказо. Аз хидмати беминнат ва софдилонаи онҳо ҳазорон нафар ба дарди худ шифо ёфтаанд. Барои онҳо пул (ҳаққи хидмат) – беаҳамият. Бемор чун шифо ёфт, барояшон мукофоти бузург.

Мутаассифона, ин гуна табибҳо – ангуштшумор. Вале табибони сохта торафт зиёд мешаванд. Мисолан, тавре нақл карданд, зани миёнсоле аз деҳаи атрофи Сӯх худро табиб эълон карда, бо лофу газоф аз соддалавҳҳо пул мерӯёндааст. Мегуфтааст, дипломи духтурӣ низ дорам, дар вақти холӣ ҳоҷати беморҳоро мебарорам. Вай бо доштани дасти мизоҷ гӯё дарди ӯро аниқ сохта, ретсеп менавиштааст ва мегуфтааст ин таблеткаҳо аз Русия ёфт мешаванд, нархашон фалон, агар хоҳӣ, худам ёфта доданам мумкин. Ҳамин тариқ дорувори дар дорухонаи худамон арзонро бо нархи гарон мефурӯхтааст бо қаллобӣ.

Фақат ин гуна табибони сохта қаллобӣ мекунанд? Баъзе дипломдорҳо дар беморхонаҳои давлатӣ-чӣ? Рӯйхати доруҳои ба хаёлашон омадаро менависанд, бо дорухонаҳо алоқа мекунанд, корафтода сар ба санг зада пайдо мекунад доруҳоро. Вале духтур он доруҳоро дар вақти табобати бемор пурра истифода кард ё накард (ба дорухона баргардонд), ба Худо аён.

Хуб мешуд барои барҳам задан ба ин гуна ҳолатҳо чораҳо қатъитар шаванд.

Барои фаъолияти озодонаи онҳое, ки ба табобати халқӣ машғуланд, шароит мусоидтар гарданд. Ҳамкорӣ байни табибони воқеӣ ва мутахассисони соҳаи тиб (инчунин рақобати солим) мустаҳкамӣ касб намояд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири**
**"Овози тоҷик".**

# ЯК ХОНАВОДА ШАШ КӮДАКРО БА ФАРЗАНДӢ ҚАБУЛ КАРД

***Набиҷон ва Зиёдахон Валиевҳо дар ҷамоати шаҳрвандони Чекшӯраи ноҳияи Фарғона умр ба сар мебаранд. Зану шавҳар соҳиби чаҳор фарзанд– ду духтару ду писар ҳастанд. Шарофат дар синфи нӯҳуми мактаби таълимоти ҳамагонӣ, Нилуфар ва писарони онҳо– Ҳасан ва Ҳусейн дар мактаби ихтисосноки ба номи Ислом Каримови шаҳри Фарғона таҳсил мекунанд.***



Набиҷон ва Зиёдахон мегӯянд, ки кайҳо ба фарзандӣ қабул кардани чанд нафарро аз ягон хонаи меҳрубонӣ орзу мекарданд. Ҳатто ҳарду гоҳ-гоҳ ба Хонаи меҳрубонии рақами 1-уми шаҳри Марғелон меомаданд, бо кӯдакон суҳбат мекарданд ва барояшон савғотиҳо меоварданд.

– Ба наздикӣ ин мақсади худро ба сардори садорати Гвардияи миллии вилоят Шавкат Акбаров баён кардам. Вай аз ин мақсадам хеле хурсанд шуд ва ваъда дод, ки дар расмӣ кардани ҳуҷҷатҳо ҳатман дасти мадад дароз мекунад. Дере нагузашта маълум шуд, ки ин мақсади мо аз орзу ба ҳақиқат табдил ёфт, – мегӯяд бо хушҳолӣ Набиҷон Валиев.

Як ҳайат аз Гвардияи миллии вилоят ҳамроҳи фаъолони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаашон ба ҳавлии онҳо ташриф оварданд ва бо ӯву ҳамсар, фарзандонаш суҳбат карданд, инчунин бо шароити оилавии онҳо аз наздик ошно шуданд.

– Баъди ин боздид аъзои ҳайати мазкур ба чунин хулоса омаданд, ки мо барои қабули шаш нафар кӯдакони хонаи "Меҳрубонӣ" омода ҳастем. Дар расмӣ намудани ҳуҷҷатҳо шӯъбаи таълими халқи шаҳри Фарғона, ниҳодҳои васигӣ ва ҳомиҳо низ ба мо кӯмак карданд. Инак, шаш нафар кӯдакони хонаи "Меҳрубонӣ"-и рақами 1-уми шаҳри Марғелон дар оилаи мо ба сар мебаранд, – мегӯяд ҳамсари Набиҷон.

Гуфта шуд, ки Шавкат Акбаров ва ноиби ҳокими вилоят Файзулло Қосимов баъди ба ҳавлии Валиевҳо интиқол ёфтани кӯдакони хонаи "Меҳрубонӣ" бо навбат аз ҳоли кӯдакон хабар мегиранд.

– Дар Хонаи меҳрубонии рақами 1-уми шаҳри Марғелон барои кӯдакон шароити хеле хуб фароҳам оварда шудааст. Аммо аз ҳар гуна шароити хубу гуворои хонаҳои кӯдакон фазое, ки дар оила муҳайё мебошад, афзалтар хоҳад буд. Зеро дар хонаҳои меҳрубонӣ тартиби муайяни кор мавҷуд аст: ошпаз баъди кор ба хонааш меравад, тарбиячиён на ҳамеша ба кӯдаконе, ки баъди хӯроки шом гушна мемонанд, хӯрок омода мекунанд, аммо дар хона кӯдакон вақти дилхоҳ чизи хостаашонро дармеёбанд, истеъмол мекунанд ва ё мавриди навозиш қарор мегиранд, – мегӯяд Файзулло Қосимов.

Маълум шуд, ки баъди ба хонавода интиқол ёфтани кӯдакони хонаҳои меҳрубонӣ имтиёзҳои онҳо ҳифз мегардад. Вақте ки онҳо ба воя мерасанд, давлат онҳоро бо хонаву ҷой таъмин мекунад ва дар мавриди таҳсилотиояндаашон мусоидат менамояд.

– Ин ҷиҳати масъаларо танҳо баъди ба фарзандӣ қабул намудани кӯдакон ба мо фаҳмониданд, – иброз дошт Набиҷон Валиев.

Ногуфта намонад, ки бо кумаки ходимони Гвардияи миллии вилоят ва ҳомиёни саховатманд хонаҳои хоб ва ҷои дарстайёркунии кӯдакони ба фарзандӣ қабулкардаи оилаи Валиевҳо муҷаҳҳаз гардонида шуд. Ҳоло кӯдакон дар кати нарм хоб мераванд, дар мизу курсиҳои наву замонавӣ дарс тайёр мекунанду китоб мутолиа менамоянд. Инчунин дар ҳар як хона телевизорҳои алоҳида гузошта шудааст, то ки кӯдакон вақтҳои фориғ аз дарсу корҳои хона ба тамошои барномаҳои дилхоҳашон машғул шаванд.

– Кӯдакони ба фарзандӣ қабул кардаамон аллакай соҳиби велосипед шуданд. Вақте ки чашмони барқосои кӯдаконро дидем, беихтиёр дар чашмонамон ашк ҳалқа зад. Шодиву сурури онҳо шодиву сурури хонаводаи моро боз афзун намуд,– мегӯяд Набиҷон.

Вай соҳибкор аст ва ду гектар замин дорад. Дар ин замин маҳсулоти гуногун парвариш мекунад ва ҳосили аз хонавода зиёдатиашро дар бозор мефурӯшад.

– То ин замон соҳиби чор фарзанд будем, акнун теъдоди онҳо ба даҳ нафар расид. Масъулиятамон низ дучанд гардид. Фикр мекунам, ки дар парастории онҳо ба мушкилоти ҷиддӣ мувоҷеҳ нахоҳем шуд. Зеро завҷаам дар мактаби таълимоти умумии рақами 4-уми шаҳри Фарғона ҷонишини директор оид ба маънавият ва маърифат аст. Тарзи муошират бо кӯдаконро хеле хуб медонад, – изҳор кард Набиҷон Валиев.

Ёдовар мешавем, ки Президент "Дар бораи чораву тадбирҳои ҷорӣ намудани системаи комилан нави ба тарбия фаро гирифтани кӯдакони бесарпарастор ва маҳрум аз падару модар" ва "Дар бораи ҷорӣ намудани системаи нави ҳимояти давлатӣ аз ятимон ва кӯдакони маҳрум аз парастиши падару модар" қарорҳо қабул намуд. Мувофиқи ин қарорҳо хонаҳои "Меҳрубонӣ" ба Гвардияи миллӣ вобаста карда шуд.

– Ҳоло барои ба таври мунтазам бурдани назорати кори хонаҳои "Меҳрубонӣ" ва расонидани кумакҳои саривақтӣ ба кӯдакону парасторони онҳо дар Гвардияи миллӣ вазифаи нав– ҷонишини сардори садорат таъсис дода шуд. Вай бевосита барои беҳбуди фаъолияти хонаҳои "Меҳрубонӣ" масъул мебошад, – мегӯяд сардори садорати Гвардияи миллии вилоят.

Вай афзуд, ки бар асоси қарори сарвари давлатамон солона 25 нафар тарбиячиёни хонаҳои "Меҳрубонӣ" дар осоишгоҳҳои тахти тасарруфи Федератсияи иттифоқҳои касабаи ҷумҳурӣ ройгон истироҳат ва саломатии худро барқарор хоҳанд кард.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# СЕМИНАРИ ПАРРАНДАПАРВАРОН

***Дар ноҳияи Бухоро ба соҳаи паррандапарварӣ эътибор беш аз пеш меафзояд.Гуфтан ҷоиз аст, ки ба ин соҳа рӯ овардан ташвиш ва маблағи зиёдро талаб намекунад. Баръакс, вай ҳар гуна оила ё хонадони камдаромадро аз тангии иқтисодӣ мераҳонад ва бо эътибори андак қуту баракаи хонадон меафзояд.***

Танҳо дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Деҳчаи ноҳия сари сол бо кӯмаки корхонаи маҳаллӣ - ҶММ «Маданият қувват» ба зиёда аз 700 хонадон ҷамъ 588 ҳазор сар чуҷа дода шуд. Ҳамин тариқ, ба 460 миллион сӯм кредити имтиёзноки бонк ба 34 хонадон парранда дастрас гардид, ки ин бешубҳа, бахри афзоиши даромади хонадон хидмат хоҳад кард. Инчунин, ба 7 нафар, ки шомили «Дафтари оҳанин», 9 нафаре, ки вориди «Дафтари бонувон» ва 18 нафар, ки ба «Дафтари ҷавонон» даромадаанд, аз 50 сар то 150 сар парранда дода шуд, то ки онҳо аз вартаи нодорамӣ зудтар раҳо ёбанд.

Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Деҳча ба амал омадани семинари вилоятӣ оиди инкишофдиҳии соҳаи паррандапарварӣ беҳуда нест. Дар ин ҷо мутасаддиёни соҳа, ҷонишинони ҳокими ноҳия оид ба дастгирии маҳаллаю оила, масъулони секторҳо, субъектҳои соҳибкории алоқаманди соҳа, роҳбарони корхонаҳои таъминкунӣ, кормандони Маркази вилоятии «Чорвонасл» ва дигарон бо роҳбарии ҷонишини ҳокими вилоят оиди масъалаҳои хоҷагии қишлоқ Амрулло Назаров ҷамъ омаданд. Дар тадбир аз рӯи масъалаҳои барномаи семинар корманди масъули Вазорати дастгирии маҳаллаю оила Бахтиёр Маматқулов, ҳокими ноҳияи Бухоро Хайрулло Ҷӯраев, роҳбари Маркази «Чорвонасл»-и вилоят Носир Раҳматов ва дигарон ба сухан баромаданд, бобати иҷрои қарори Президент аз 14 июни соли ҷорӣ «Дар бораи чораю тадбирҳои иловагии рушди паррандапарварӣ ва мустаҳкамсозии пойгоҳи озуқавории соҳа» дар ҳудудҳо изҳори ақида карданд. Иштирокдорони семинар инчунин бо ҷараёни корҳои мурғпарварӣ дар хонадонҳо шинос шуданд.

Барномаи «Деҳаи обод» – дар амал

# ДЕҲА ОБОД МЕШАВАД

***Деҳқонобод яке аз деҳаҳои тоҷикнишини ноҳияи Шофиркон ба шумор рафта, то қарибиҳо ҳамчун маркази ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Вардонзе мавқеъ дошт. Чанд сол муқаддам ин маҳалла номи «Шароф Рашидов»-ро гирифт. Ҳоло дар деҳа дар 327 хонадон 2147 нафар аҳолӣ умр ба сар мебарад. Дар деҳа мактаби миёнаи рақами 20, поликлиникаи оилавии № 46, муассисаи таълими томактабии № 23, дорухона, дӯконҳои савдою хидматрасонӣ фаъолият доранд.***



Замоне дар ин ҷо биноҳои маъмурию хидматрасонии хоҷагии давлатии ба номи Илич (баъдтар хоҷагии ширкатии ба номи Ш. Рашидов) ҷойгир шуда буд. Дар давоми солҳо қисми зиёди ин биноҳо аз байн рафта, масъалаҳои ҳалталаб ғун гардида буданд. Гуфтан ҷоиз аст, ки соли ҷорӣ шомили Барномаи «Деҳаи обод» гардидани ин ҳудуд бахри ободсозии деҳа ва коҳишёбии камбудиҳои ҷойдошта омили муҳим гардид. Дар идораи маҳалла сӯҳбати мо бо раиси ҷамоати шаҳрвандон Аъзам Султонов хеле давом кард. Вай моро бо нақшаи корҳое, ки мувофиқи барнома бояд амалӣ шаванд, шинос намуд. Таъмири 105 хонаю ҷои шаҳрвандон, азнавсозии 3 объекти иҷтимоӣ: бунёд кардани бинои нави муассисаи таълими томактабии рақами 23 дорои 120 ҷой, таъмири асосии мактаби миёнаи таълими умумии рақами 20, азнавсозии поликлиникаи оилавии рақами 46-и ҳудуд, аз масофаи 18 километр овардани хати қубури оби ошомиданӣ ва таъмири маркази обкашӣ, демонтажи 3,6 километр хати гази табиӣ ва бо 33 баллони газ таъмин кардани оилаҳо, беҳтарсозии таъминоти барқ, аз ҷумла гузоштани 142 симчӯб ва таъмири 7,1 километр хати шабака, таъмири 18,5 километр роҳ, таъмиру барқароркунӣ ва тозакунии 1,3 километр ҷӯй, бунёди 35 чароғи шабафрӯзи кӯча, бунёд ва барқарорсозии 3 километр роҳи пиёдагард, бунёди 2 маҷмӯи савдо ва 3 объекти хидматрасонии маишӣ, сохтмони истгоҳи автомобилӣ ва ғайра аз ҳамин ҷумла буда, барои амалӣ гардондани онҳо 25,3 миллиард сӯм маблағи давлат харҷ мегардад. Ба оилаҳои камдаромади деҳа бобати бунёд ва таъмири манзил кӯмак расонда мешавад. Ба қарибӣ сокини деҳа Адолат Эгамова бо мадади ҳоким соҳиби манзили нав гардид.

Вақте ки ба кӯча баромадем, қадқади роҳ техникаи махсус чуқурӣ канда дар он хобондани қубурҳои об аз ҷониби водопроводчиёни ҶММ «Яшин қурилишобод» идома дошт.

Дар маркази деҳа бинокорони ҷамъияти масъуляташ маҳдуди «Раҳмон Ҷамшед» саргарми бунёди боғчаи дуошёнаи рақами 23 буданд. Мо бо саркор Э. Эшов воҳӯрда аҳвол пурсидем.

– Ҳоло 40 нафар бинокорони корхонаи пудратии мо барои то рӯзи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба кор андохтани муассисаи таълими томактабӣ азму кӯшиш доранд, – ҷавоб дод вай.

– Ҳоло масъалаи бо боғча фарогирии бачагони синни томактабӣ дар ҳудуд чӣ гуна аст? – пурсидам аз раиси маҳалла.

– Имрӯз дар як боғчаи давлатӣ ва ду нодавлатии ҳудудамон 53 фоизи бачагон ҷалб гардидаанд. Ба кор даромадани бинои нав моро дар ин бора комёб мегардонад, – гуфт вай.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

***Дар тадбири Маркази фарҳангӣ-миллии тоҷикони вилояти Намангон рафти фаъолияти маҳфилҳои суруд, рақс, тоқидӯзӣ ва шеър аз назар гузаронида шуд.***

# Бо таассуроти бою рангин

Сараввал ҷонишини раиси марказ Шоҳида Даминова доир ба ҳаёту машғулияти тоҷикони вилоят, ки беш аз 270 ҳазор нафарро ташкил мекунанд, ҳамчунин корҳои амалии ҳунармандони миллат, аз ҷумла кордсозон, оҳангарон, тунукасозон ва бонувони тоқидӯзи Чуст маълумот дод.

Илова гардид, ки дар ноҳияҳои тоҷикнишини Косонсой, Чуст ва Поп чопшавии саҳифаҳои тоҷикии рӯзномаҳо ва таълимгирии фарзандонамон дар синфу мактабҳои тоҷикӣ диққату эътибори давлат нисбати миллати мо мебошанд.

Ш. Даминова боз таъкид намуд, ки аз тарафи ҳукумати ҷумҳурӣ ва сарвари кишварамон барои равнақёбии урфу одат, пешрафти маънавиёту маданияти миллӣ минбаъд низ ғамхориҳо зоҳир хоҳад гашт. Барои ин марказ ва фаъолони он бомасъулияту самарабахш бояд фаъолият баранд.

Дар маҳфил дастаи фолклории «Хайринисо момо»-и деҳаи Варзик Муяссар Абулаева бо рақси духтарон, намоиши ҳунари тоқидӯзии Шоиста Даминова ва шеърҳои дар бораи дӯстӣ, сулҳу амонӣ қироаткардаи Шарофбой Маҳмудов ба иштирокчиён хеле писанд омаданд.

Ҷамъомадагон дар давоми чорабинӣ коргоҳи бо талаби замон ҷиҳозонидашудаи раиси марказ, китобу маҷаллаҳо ва намунаи ашёи миллии ба намоиш гузошташудаи ҳунармандонро аз назар гузаронданд.

**Ш.МИРЗОЕВ,**
**фаъоли Маркази**
**маданӣ-миллии тоҷикони**
**вилояти Намангон.**

# ЛОИҲАИ КОРКАРДИ ПАРТОВҲО МУҲОКИМА ГАРДИД

***Гурӯҳи кории Донишкадаи саноати муҳити атроф ва технологияи Ҷумҳурии Куриё ба вилояти Ҷиззах ташриф оварданд.***

Онҳо бо роҳбари Садорати экология ва ҳифзи муҳити зисти вилоят Эркин Холматов вохӯрда масъалаи пиёда сохтани лоиҳаҳои азнавкоркарди партовҳои маиширо мавриди муҳокима қарор доданд. Тасвиб гардидани лоиҳаҳо хусусан, дар партовгоҳҳои шаҳри Ҷиззах ва ноҳияи Зомин баррасӣ гардид. Меҳмонон бо муовини ҳокими вилоят оид ба масъалаҳои савдо ва сармояи хориҷӣ Азим Аҳмадхӯҷаев сӯҳбат оростанд. Дар бораи ҳамкориҳои минбаъда мубодилаи афкор намуданд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*




# «ЗАБОН ДАР ДАҲОН...»

Нутқ неъмати бебаҳои инсон аст, он як ҷиҳати фарқкунандаи байни одаму мавҷудоти дигар ба шумор меравад. Мо фикри худро бо воситаи забон ифода мекунем. Забони беустухони моро сию ду посбон (дандон) ҳифз менамояд.

Дар адабиёти исломӣ ривояте ҳаст. Ҳар субҳ чун одам аз хоб мехезад, тамоми узвҳои дигари ӯ аз забон хоҳиш мекардаанд, ки: «Ту неку боандеша бош, вагарна бо як ҳарфу каломи ношоиста метавонӣ моро ба бало гирифтор кунӣ».

Забон, қатъи назар аз он, ки сию ду посбонаш ҳаст, ба ғайбат, дурӯғгӯӣ, манманӣ, ҳақорат, дашномҳои беҳаёёна майл дорад, зеро устухон надорад.

Ривояте мефармояд. Халифа Абубакри Сиддиқро дидаанд, ки забонашонро берун мекашанд. Чун сабаб мепурсанд, халифа ҷавоб додаанд: «Ин забон манро ба роҳи ҳалокат мебарад».

Мутафаккирони гузашта, адибону олимон барои тарбияи забон аз усулҳои гуногун истифода бурдаанд. Яке аз онҳо сукут кардан бошад, усули дигар кам, боандешаву мулоҳизакорона сухан гуфтан аст. Як иддаи одамон барои кам сухан гуфтан ба даҳонашон меваи хушк андохта мегирифтаанд.

Беҳуда нагуфтаанд: «Забон дар даҳон посбони сар аст». Аз ин рӯ, дар сухан гуфтан мулоҳизакор, дурандеш, ботамкину ором будан, санъати суханронӣ, хушсуханиро омӯхтану онро ба хурдон, наврасону ҷавонон ҳам омӯзондан зарур аст. Хабари нохушро ҳам метавон бо мулоҳиза, оромона ва бо суханҳои хушу мақбул расонид, то ки шунаванда асабӣ ва хашмгину маҳзун нашавад.

Фарқи шогирдони таълимгоҳҳои динӣ аз хонандагони таълимгоҳҳои дунявӣ он аст, ки суханронии толибилмони муассисаҳои динӣ хеле бомулоҳиза, бамаврид, ҷо ба ҷо, оромона, дилкашу ҷаззоб мебошад, онҳо ҳангоми суханронӣ ҳеҷ гоҳ як калимаро ду бор такрор намекунанд. Мутаассифона, аксар хатмкунандагони мактабҳои олӣ дар пеши аҳли маҷлис сухан ронда наметавонанд, ё дар мавриди баҳсу мунозира зуд асабӣ мешаванд, ки ҷойи мулоҳиза аст...

**Назирҷон ЭРГАШЕВ,**
*ноҳияи ЧУСТ.*

# ФОЛНОМАИ ҲОФИЗ

*Эй Ҳофизи Шерозӣ,*
*Ту кошифи ҳар розӣ.*

Ҳар касе мехоҳад бар сеҳри ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз фол бизанад, ибтидо ба рӯҳи шоир фотиҳа хонда, сипас ният карда, бо чашмони баста ангушти ишорат ба ғазале аз ӯ мениҳад ва бинобар он розҷӯӣ мекунад. Ҳоло мо ангушти ишорат ба рӯйи ғазали «Оташи шавқ» ниҳодем ва онро ҳамроҳ бо шарҳи фолаш дар «Саҳифаи рӯзи истироҳат» ба хонандагони азизи «Овози тоҷик» пешкаш менамоем.



## Оташи шавқ

*Моро зи хаёли ту чӣ парвои шароб аст,*
*Хум гӯ сари худ гир, ки хумхона хароб аст.*

*Гар хамри биҳишт аст, бирезед, ки бе дӯст,*
*Ҳар шарбати азбам, ки диҳӣ айни азоб аст.*

*Бедор шав, ай дида, ки эмин натавон буд,*
*З-ин сели дамодам, ки дар ин манзили хоб аст.*

*Маъшуқ аён мегузарад бар ту, валекин,*
*Ағёр ҳамебинад аз он баста ниқоб аст.*

*Гул бар рухи рангини ту то лутфи арақ дид,*
*Дар оташи шавқ аз ғами дил ғарқи гулоб аст.*

*Сабз аст дару дашт, биё, то нагузорем,*
*Даст аз сари обе, ки ҷаҳон ҷумла сароб аст.*

*Дар кунҷи димоғам маталаб ҷойи насиҳат,*
*К-ин гӯша пур аз замзамаи чангу рубоб аст.*

*Ҳофиз чӣ шуд ар ошиқу ринд асту назарбоз,*
*Бас, таври аҷаб лозими айёми шабоб аст.*

Комхоҳиҳои зиндагонӣ дар канори дӯст ва маъшуқ зебост, ки баҳрагирии комил аз лаззатҳои ин ҷаҳони фонӣ дар гарави ҳузури маҳбуб аст ва бар покбохтагон ва ошиқони ростин хӯрда наметавон гирифт, ки бе ёр чаро чунинанд.

Таснифи **Парвизи ИЗЗАТУЛЛО**.




## Одами хасистарини дунё

Оё медонед, ки одами хасистарини дунё Қорӣ-ишкамба набуда, балки Генриета Ҳоуленд аст. Ӯ 3-юми июли соли 1916 дар 81-солагӣ бар асари сактаи дил аз олам чашм пӯшид.

Ин зан ба сифати одами хасистарини дунё дар китоби «Рекордҳои Гиннес» сабт шудааст.

Аз Генриета ба ду фарзандаш 4 миллиард доллар мерос монд. Фарзандон байни худ пулро тақсим карданд. Писараш заводи автомобил кушоду духтараш нисфи саҳми худро ба сағирхона ва одамони бепарастор дод.

Генриета дастпокҳои коғазиро намепартофт. Онҳоро тоза карда, аз нав истифода мебурд. Ҳатто вақте пойи писараш маҷрӯҳ мешавад, ӯро дар беморхонаи оилаҳои нодор мехобонад. Ин буд, ки писараш аз як пой маҳрум мешавад.

Мегӯянд, ки Генриета аз овони ҷавониаш хасис буд. Зеро дар он айём ӯ бо як курта, як пойафзор ва як кулоҳ мегашт.

## Растаниҳои ҳашаротхӯр

Дар боғҳои батаникии ҷаҳон растаниҳои «даррандa» кам нестанд. Ҳамаи онҳоро як чиз муттаҳид месозад – усули шикор.

Ин навъи растаниҳо бо бӯяшон ҳашаротро ба худ ҷалб менамоянд.

Ҳашарот ба дохили гуле, ки аз моеъ пур аст, медароянд ва бо мурури вақт об шуда ба ғизои «қотил»-и худ табдил меёбад.

**Бино ба мутолиби Интернет таҳия гардид.**

# «ИМОНДУЗД НЕСТАМ»

Рӯзе дузде дар маҷлиси пурталотум халтаи тангаҳои марди ғофилеро дуздид. Вақте ки ба хона расид, халтаро боз кард ва дид, ки дар болои тангаҳо коғазе ҳаст. Коғазро кушод ва бар он навишта шуда буд:

Худоё, бо баракати ин дуо тангаҳои маро ҳифз намо!

Дузд андаке андеша кард. Сипас халтаи тангаҳои дуздидаро ба соҳибаш баргардонд.

Ҳамроҳони дузд ӯро маломат ва сарзаниш карданд, ки чаро ин ҳама пулро аз даст дод.

Дузд гуфт:

Соҳиби он пулҳо бовар дошт, ки он дуо сарвати ӯро нигаҳбон аст ва аз тариқи он дуо бар Худо эътиқод намудааст. Ман дузди бойигарии ӯ будам, на дузди имони ӯ. Агар халтаи ӯро пас намедодам, бовараш ба Худо ва дуо мекост. Он гоҳ ман дузди имони ӯ ҳам будам ва ин амал дур аз инсоф аст.

Таҳияи **Далер АЗИЗОВ.**

# ЗУДБОВАРӢ ГАРОН АФТОД

Фолбинҳои сохта дар ҳар давру замон одамони содаи ба сарашон мушкилӣ афтодаро фиребида, чун доғҳои ҷамъият ба назар намудаанд. Имрӯзҳо, мутаассифона, адади онҳо аз ҳарвақта зиёд. Ба доми ин тоифа ҷавононе низ меафтанд, ки замонавианд, зодаи шаҳр, вале дар содалавҳӣ гоҳо аз солхӯрдаҳои деҳотӣ мегузаронанд.

Шавкат ном ҷавони 31-сола ба лофу газофи Ситораи 32-сола бовар кард. Хост бо кӯмаки ин «гарму хунук»-гари сохта дӯстдоштаи ранҷидаашро баргардонад. Фолбинҳо 50 ё 100 ҳазор сӯм пурсиданашон мумкин, вале чун Ситора ҳис кард, ки Шавкат аз бойбачаҳо, 3 ҳазор доллар талаб намуд.

Шавкат фиреб хӯрдани худро пай бурда, ба идораи ҳифзи ҳуқуқ маълум намуд.

Шуъбаи тафтишоти додситонии шаҳри Бухоро фиребгарро ба даст афтонд. Мувофиқи банди 168-уми Кодекси ҷиноӣ (фиреб, сӯиистеъмол аз боварии дигарон) инак, фолбини сохта ба кирдори худ ҷавоб медиҳад. Вале баргардондани 3 ҳазор доллар ба бойбачаи содалавҳ осон мекӯчида бошад?

**А. АМРУЛЛОҲӢ.**

# МАМЛАКАТЕ АЗ БАЙН МЕРАВАД?



Олимон пешгӯйӣ менамоянд, ки мамлакати хурди Тувалу ба қарибӣ аз сабаби боло рафтани обҳои уқёнус зери об мемонад, зеро дар тамоми сайёраамон ҷараёни тағироти иқлим ба назар мерасад. Ин хабари нохуш барои ширкатҳои сайёҳӣ ваҷҳи муҳим гардид, ки ба ин ҷазираҳо сайёҳонро ҷалб намоянд. Ба ин баҳона онҳоро шавқманд мекунанд, ки тамошои табиати нодир ва зебои ин мамлакати тангтарини ҷаҳон ғанимат аст.

Мамлакати ғайриоддӣ дар ҷазирачаҳо ва ҳатто дар харсангҳо ҷойгир шудааст, ки онҳо аз рӯйи оби уқёнус намоёнанд ва майдони умумиашон 26 км. квадратиро ташкил менамояд.

Дар Тувалу ҳамагӣ 11 ҳазор аҳолии маҳаллӣ зиндагӣ мекунад. Ҷамъияти калонтарин ҷазираи он Фунафутӣ, ки ҳаҷмаш каме бештар аз дуним километр квадратиро ташкил менамояд, панҷ ҳазор нафар аст.

Охирҳои солҳои 80-уми асри гузашта Австралия, Британия ва Зеландияи Нав Фонди трастро дар миқдори даҳҳо миллион доллар ташкил намуданд. Хазинаи Тувалу аз ҳисоби фаъолияти сармоягузории ин фонд фароҳам мегардад ва ба туфайли ин сармоя аҳли ҷазираҳо гурусна намемонанд. Ин давлат ҳатто узви СММ мебошад.

Бинобар тахмини олимон тақрибан баъди 20-30 сол Тувалу зери об мемонад. Майдони мамлакат ҳамвор буда, баландтарин нуқтаҳои он аз сатҳи баҳр каме бештар аз як метр аст.

Ягона нақлиёте, ки онро бо дунёи дигар мепайвандад, самолёт мебошад, ки дар се шабонарӯз як бор аз ҷазираи Фидҷӣ омада меравад. Аэропорти он ки дар Фунафутӣ ҷойгир аст, мисли як иморат мебошад, ки ҳамагӣ аз се хона иборат аст. Самолёт барои нишаст ва парвоз аз роҳи одии автомобилгард истифода менамояд, ки ним соат пеш аз парвоз ва ё нишасти он роҳ баста шуда, зуд дар зарфи ҳамин қадар вақт мусофиронро савор карда бармегардад.

Дар мамлакат ҳамагӣ як меҳмонхона вуҷуд дорад, ки он ҳам давлатӣ аст. Оби гарм нест ва хунукаш хеле ба миқдори кам, чунки дар ҷазираҳо оби тоза вуҷуд надорад, аз ин боис оби боронро дар захирагоҳҳо ҷамъ намуда, аз он истифода мебаранд.

Алоқаи телефонӣ дар мамлакат низ мушкили дигар аст. Аз тариқи сим-картаҳои маҳаллӣ фақат то ҷазираи Фидҷӣ бо азоб занг задан мумкин. Интернет бошад, ба ном вуҷуд дорад.




Мағзи сари мардон бо ҳисоби миёна 1424 г вазн дорад. Бо рафтани сол вазни он кам шуда, то 1395 г мерасад.

***

Эйнштейн солҳои тӯлонӣ бо зану фарзандонаш хушбахтона зиндагӣ кард. Вақте ки ба ӯ мукофоти Нобелӣ доданд, маблағро тин ба тин ба занаш супорида гуфт:

" Ин барои тамоми зиндагонии шумо кофист. Ман рафтам ".

***

Ҷарроҳи варзидаи рус А.П.Ромадонов нигоштааст: " Агар солимии одамро сад фоиз ҳисобем, аз он 10 фоизаш ба коркунони тиб, 40 фоизаш ба шароиту кору зиндагӣ ва истироҳат, 50 фоизаш ба худи инсон вобаста аст ".

Гирдоваранда
**Раҳимшоҳи ШАРИФЗОДА.**

# АЗ СИЛСИЛАИ «АЗ САРГУЗАШТҲОИ ХУДАМ»

## Табрики бармаҳал

Ин воқеа аввали солҳои ҳаштодуми асри гузашта рух дода буд. Инҷониб дар мактаби миёнаи деҳаи ҳамсоя ҳамчун ҷонишини директор оиди корҳои таълиму тарбия ифои вазифа мекардам. Рӯзе директори мактаб бандаро ба кабинети кориаш даъват кард. Рафтам. Вай ғайричашмдошт маро бо вазифаи нав – директории мактаб муборакбод намуд. Ҳайратам афзуд ва беихтиёр пурсидам:

– Директори кадом мактаб?

– Мактаби деҳаи худатон. Директори он ба кори дигар гузаштааст, ба ҷойи вай шуморо муносиб дидаанд,– ҷавоб дод вай.

Азбаски ҷавон будаму айёми пурҷӯшу хурӯши умр буд, аз ин муждa шод шудам. Охир, сарбози орзуи генералшавӣ надоштагиро сарбоз нест, гуфтаанд. Сарварӣ, хусусан ба ҳамон мактабе, ки худ дар оғӯши он ба воя расидаам, бароям хеле дилписанд ва гуворо буд. Эҳсосоти хурсандии банда ҳамааш чанд лаҳза давом кард.

Нохост директор боз ба банда рӯ овард:

– Домуллоро худатон медонед... – ғӯлингхоӣ карда хомӯш монд вай.

Бо ҳайрат боз ба ӯ нигаристам. Аён буд, ки сардор «домулло» гуфта мудири шуъбаи маорифи халқи ноҳияро дар назар дошт.

– Шумо, ки ҷавон ҳастед, ҳоло ҳаётро хуб намедонед. Гумон доред, ки дар зиндагӣ ҳама чиз китобист?! Не, ҳаёт дигар асту китоб чизи дигар,– боз хомӯш монд директор.

– Ба мақсад гузаред,– ниҳоят худдорӣ карда натавонистам.

Мусоҳибам дилгиршавии маро пай бурда гуфт:

– Пӯсткандаи гап ин, ки домулло то чизи мегирифтагиашонро нагиранд, шуморо ба мактвб сардор таъин намекунанд.

Ба гӯшҳоям бовар намекардам, вале боз пурсидам:

– Мудир аз ман чӣ мехоҳанд?

– Якто тагал инъом мекунед, тамом. Дигар ҳеҷ чиз лозим нест.

Худро дошта натавониста беихтиёр аз содагӣ хандидам. Аввал гумон кардам, ки директор ҳазл мекунад, вале вай ҷиддӣ мегуфт. Болои сарам гӯё як сатил оби хунук рехта бошанд, аз хурсандии пештараам осоре намонда буд. Гӯё хоби ширине медидаму нохост бедор шудам. Ниҳоят гуфтам:

– Тагал дода директор шудан барои банда айб аст. Агар лозим бошад аз баҳри ин вазифаам ҳам мегузарам, – вуҷудам ларзида аз ҷой хестам. Сӯйи дар қадам мениҳодаму ба эътирози директор «Бачагӣ накунед, рӯзе пушаймон мешавед» эътиборе надода дарро аз берун пӯшидам.

Директор барои ба роҳ андохтани банда аз хешовандони мо низ истифода бурд. Дид, ки нашуд, оқибат умедашро канд. Дере нагузашта ба мактаби деҳаи мо сарвари дигар ёфтанд...

## «Сурати пайғамбар»

Ин воқеа солҳои ҳафтодуми қарни гузашта рух дода буд. Азбаски баъзе аз хешовандони мо – вардонзеҳиён дар Тошканд буду бош доранд, рафтуои мо ба пойтахт тез-тез сурат мегирифт. Боре ҳамроҳи падар бо мақсади сафари Тошканд ба вокзали роҳи оҳани Қизилтеппа омадем. Мутаассифона, дар кассаи чиптафурӯшӣ гуфтанд, ки дар поезд ҷойи холӣ намондааст. Аз ноомади кор рӯҳафтода гардида, як муддат ҳайрон мондем. Фурсате нагузашта нафаре вориди вокзал шуд. Вай ҳамдарси собиқи падарам будааст, ки онҳо бо ҳам оғӯш кушода гарм вохӯрӣ карданд. Ӯ аз вазъи кори мо огоҳ гардиду чизе нагуфта сӯйи кассаи чиптафурӯшӣ рафт. Лаҳзае нагузашта бо чипта баргашт. Ӯ афзудани ҳайрати моро дида гуфт:

– Наход ки дар ҳама кор мушкилкушо будани « «Сурати пайғамбар»-ро надонед?!

Мо боз ба чизе сарфаҳм нарафтем. Оқибат мусоҳибамон як даҳсӯмии сурхи шараққосии сурати доҳидорро аз ҷайбаш бароварда илова кард:

– Ба ин «Пайғамбари замон» ҳама ихлос доранд. Агар шумо яктои инро даруни шиноснома гузошта дароз мекардед, ҳамон лаҳза мушкилатон осон мешуд.

## Ҳалолро ҳисобу ҳаромро азоб

Солҳои омӯзгорӣ дар мактаб ба қадри имкон азму кӯшиш доштем, ки шоҳроҳи зиндагии шогирдонамон ростию ҳалолӣ бошад. Бешубҳа, он солҳо дар дили онҳо нисбати нопокию беадолатӣ ҳисси нафрат ва ба ҳалолию ростӣ ҳисси муҳаббат падид омада, муғҷаҳои адлхоҳию поквиҷдонӣ нумӯъ меёфт. Вале... Мутаассифона, ҳақиқати воқеӣ бо сабақҳои омӯхтаи мо мувофиқат намекард. Боре бо яке аз шогирдони беҳтарини собиқи худ аз шаҳр ба деҳа ҳамроҳ омадем. Вай, ки корманди соҳаи гумрук буду сару либоси низомӣ ба бар дошт, ба чашм хеле салобатнок метофт. Баъди солҳои зиёд ӯро бори аввал медидам. Сӯҳбати мо хеле давом кард. Аён гардид, ки вай хеле тағйир ёфтааст.

– Домулло, дарсҳои шумо бобати ҳалолию покизагӣ ва фазилатҳои қаноату шикастанафсӣ афсона будаанд, – ғайричашмдошт гуфт вай бо оҳанги норозиёна.

– Адлхоҳӣ маро қариб аз кор маҳрум карда буд.

– Чаро? – бо тамкин пурсидам аз ӯ.

– Зиндагӣ ду роҳ доштааст: яке рӯзгори поквиҷдонона, яъне, аз ҳузуру ҳаловати дунё даст кашида, ба ризқи Худодода қаноат кардан, дигаре мисли дигарон мувофиқи маҷрои зиндагӣ созишкорона зистан.

– Яъне, агар ҳамкорат дузд бошад, ту ҳам бояд дузд бошӣ? – гуфтам ман.

– Ҳамтӯ, дигар чорае нест. Гуфтор дигар будаасту мансаб дигар. Шояд шунида бошед, ҳар як мансаб «ставка»-и худро дорад...

– «Ҳалолро ҳисобу ҳаромро азоб» гуфтаанд, – хулоса кардам ман.

– Тоифае ба мақоли «То омадани табар кунда осуда аст» амал мекунанд, – илова кард вай.

Бешубҳа, худи ӯ низ ба ҳамин тоифа дахл дошт. «Дидӣ, ки нашуд, мон, ки равад» гуфтаанд. Аён буд, ки «Сухани зиёдатӣ ба ҳар бор аст». Дуруст фармудаанд: «Вақт ҳаками одил аст». Солҳо мегузаштанду гоҳ-гоҳ мешунидам, ки мардум дар қатори сарватмандони маҳал номи ӯ (шогирди собиқи мо)-ро низ ба забон мегирифтанд. Азбаски роҳу мароми мо тафовути ҷиддӣ дошт, дигар ӯро надидам.

Чанд сол муқаддам ба гӯшам расид, ки вай бо амри тасодуф сарвати чандинсолаашро харҷ карда, аз ҷазо бо азоби алим раҳоӣ ёфтааст.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
*вилояти Бухоро.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-825. Адади нашр 5748, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 02.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.